Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

21 октябри соли 2015, чоршанбе, №43 (1022)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ҲАДАФ - ТАЪМИНИ ЗИНДАГИИ ОСОИШТА

## (БАРДОШТҲО АЗ САФАРИ САРДОРИ ДАВЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД)

**ПРЕЗИДЕНТИ** Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум ва ифтитоҳи як қатор иншооти таъиноти гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мусоидат ба беҳдошти шароити иҷтимоии аҳолӣ ба вилояти Суғд сафар кард.

Сафари кории Сарвари давлат дар вилоят аз 18-ум то 21-уми октябр ҷараён гирифта, дар давоми он Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои **Айнӣ, Панҷакент, Ғончӣ, Истаравшан, Қайроққум, Бобоҷон Ғафуров** ва **Хуҷанд** иншооти таъиноти гуногуни хоҷагии халқро ифтитоҳ карда, бо вазъи корҳои саҳроӣ, ободонию созандагӣ шинос шуда, бо сокинону фаъолони вилоят суҳбату мулоқотҳои судманд доир намуд.

Ифтитоҳи маҷмааи таърихӣ-фарҳангии Нақибхон Туғрал, Қасри фарҳанг дар ноҳияи Айнӣ, ифтитоҳи роҳи мошингарди Айнӣ-Панҷакент дар ноҳияҳои Айнию Панҷакент, ба фаъолият оғоз кардани зеристгоҳи барқӣ, ба истифода додани хатти баландшиддати нерӯи барқ дар шаҳри Қайроққум, кушодани корхонаҳои заршӯию маъдантозакунӣ дар шаҳри Панҷакент, шиносоӣ бо корҳои саҳроӣ дар Панҷакент, оғози корҳои обёрии заминҳои обию лалмӣ ва истифодаи биноҳои истиқоматӣ барои афсарони қӯшунҳои сарҳадӣ дар ноҳияи Ғончӣ, оғози корҳои сохтмонӣ дар шаҳраки навбунёди Баҳористон дар Истаравшан ва дигар тадбирҳои созанда аз барномаи асосии сафари кории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд мебошад.

Ҳадаф аз татбиқи ҳамаи ин чорабиниҳо таъмини зиндагии осоиштаю сазовори мардуми кишвар мебошад, ки аз сиёсати неку бобарори роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат сарчашма мегирад.



*саҳ. 2*

### Дидор бо намояндаи САҲА



*саҳ. 5*

### ОЛАМИ ДИГАР БИБОЯД СОХТ, АЗ НАВ ОДАМЕ...

### (ИЛЛАТ ДАР РИШ АСТ Ё ДАР МАҒЗ?)

*саҳ. 7*

### ХУДШИНОСӢ ЧИСТ ВА ХУДНОШИНОС КИСТ?



*саҳ. 10*

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: ҲАМКОРИИ КИШВАРҲОИ ИДМ АМРИ ЗАРУРИСТ

**16 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеи Бурабой, воқеъ дар вилояти Акмолаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ кард.**



Дар ҷаласа лоиҳаи санадҳои танзимкунандаи ҳамкориҳо дар бахши муҳоҷират, таъмини амният ва тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, идоракунии ҳолатҳои фавқулодда, ҳифзи сарҳади давлатӣ ва рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ- техникӣ, 30 - юмин солгарди садамаи истгоҳи атомии барқии Чернобил ва ҳамкориҳои фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш таъкид намуд, ки дар вазъи ноороми ҷомеаи ҷаҳонӣ, буҳрони иқтисодию молиявӣ, мураккаб гардидани муноқишаҳои минтақавӣ, мо имкон дорем дар доираи Иттиҳод ҳамаи масъалаҳои мубрам ва роҳҳои ҳалли мушкилот дар минтақа ва ҷаҳонро баррасӣ намоем.

Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон ҳамкории зичу пурсамари кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба таъмини амният, ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таҳкими сарҳади берунии кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои Мустақил, ҳамкориҳо дар бахши гуманитарӣ, раванди муҳоҷират, мубориза бо ҷинояткорӣ, муносибатҳои фарҳангӣ, идоракунии ҳолатҳои фавқулодда ва рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ -техникӣ амри зарурист.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аз қувваи нав пайдо кардани гурӯҳҳои экстремистӣ, гаравидани ҷавонон ба сафи онҳо, истифодаи дини мубини Ислом барои ҳадафҳои нопок аз ҷониби террористон, амалҳои фоҷеабору мудҳиши давлати ба ном исломӣ, нооромӣ дар назди сарҳади кишварҳои иттиҳод изҳори нигаронӣ карда, сарони давлатҳоро барои қабули қарорҳои қатъӣ дар мубориза бо ин зуҳурот даъват намуд.

# ҲАДАФ-ТАЪМИНИ ЗИНДАГИИ ОСОИШТА

саҳ. 1

## (БАРДОШТҲО АЗ САФАРИ САРДОРИ ДАВЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД)

## Айнӣ

### МАҶМААИ ТАЪРИХӢ-ФАРҲАНГИИ НАҚИБХОНИ ТУҒРАЛ

Дар ноҳияи Айнӣ Сарвари давлат дар вазъияти тантанавӣ бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи назди пайкараи Нақибхон Туғрал Маҷмааи таърихӣ-фарҳангии ин шоири маъруфи тоҷикро, ки ба ифтихори 150-солагии ӯ бунёд шудааст, ифтитоҳ намуд.

Дар ин чорабинӣ гурӯҳи калони аҳли илму адаб, фарҳанг ва маориф ва пайвандони шоир иштирок доштанд.

Маҷмааи таърихӣ-фарҳангии Нақибхон Туғрал дар зодгоҳаш деҳаи Зосуни ноҳияи Айнӣ аз тарафи идораи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд навсозӣ шудааст.

Арзиши умумии иншоот 5 миллион сомонӣ буда, маҷмаа аз оромгоҳи шоир, фаввора, муҷассамаи барқади шоир ва айвони бо усули меъмории миллӣ кандакоришуда иборат аст. Дар рӯ ба рӯи Маҷмааи таърихӣ-фарҳангии Нақибхон Туғрал манзили истиқоматии шоир қарор дорад, ки бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ҳамчун хона - музейи шоир пурра азнавсозӣ шудааст.

Дар ин ҷо сару либос ва дигар ашёи рӯзгори Нақибхон Туғрал ҳифз шудааст ва осорхонаи зинда барои сокинон ва сайёҳони хориҷӣ мебошад.

### ИФТИТОҲИ ҚАСРИ ФАРҲАНГ

Дар маркази ноҳияи Айнӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ бинои Қасри фарҳанги ноҳияро ифтитоҳ намуд.

Иншооти мазкур, ки дар ҷойи хеле намоёни маркази ноҳия қомат афрохтааст, аз толори асосӣ бо 400 ҷойи нишаст, ҳуҷраҳои ёрирасон барои кормандони соҳаи фарҳанг, толори махсус дар ошёнаи дуюм ҳамчун осорхона, синфхонаи компютерӣ, омӯзиши рақсу сурудхонӣ, ҳунарҳои мардумӣ, утоқҳои корӣ барои шуъбаи фарҳанги ноҳия иборат мебошад.

Бинои Қасри фарҳанг бо истифода аз санъати меъмории миллӣ ороиш дода шуда, намои асосии бино аз 6 сутун ва дарҳои кандакорӣ иборат аст. Иншооти мазкур ба симои ноҳияи Айнӣ ҳусни тозае зам намудааст.

Президенти мамлакат ба Қасри фарҳанги ноҳия 25 намуд асбобҳои мусиқӣ, аз ҷумла 1 адад пианино тақдим кард.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳаёт, шахсият, нақшу осори ибратомӯз ва дигар хислатҳои накӯву матиниродагии Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ изҳори андеша карда, бо нишони қадршиносӣ ва бузургдошти ин шахсияти бузурги илму адаб пешниҳод намуд, ки Қасри наву бошукуҳи фарҳанги ноҳия ба номи Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ гузошта шавад.

### ИФТИТОҲИ РОҲИ МОШИНГАРДИ АЙНӢ - ПАНҶАКЕНТ



Дар ноҳияи Айнӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сиёсати созанда баҳри расидан ба яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати мамлакат - баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ роҳи мошингарди Айнӣ - Панҷакентро ифтитоҳ намуд.

Маросими ифтитоҳи ин роҳи зебо дар сероҳагии Айнӣ - Панҷакент - Хуҷанд баргузор гардид.

Тавре зикр гардид, дарозии умумии роҳи мошингарди Айнӣ - Панҷакент 112,6 километрро ташкил медиҳад. Корҳои сохтмонӣ моҳи октябри соли 2012 оғоз гардида, моҳи октябри соли 2015 ба охир расид.

Навсозии роҳ бо маблағи 115 миллион доллари амрикоӣ аз ҳисоби ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ иҷро карда шудааст.

Дар ин шоҳроҳ 31 адад пулҳои хурду бузург ва иншооти зиёди ёрирасон сохта шудаанд.

Корҳои асосии сохтмонӣ ва таъмиру навсозиро ширкати чинии Сансиян Бейсин бо ҷалби мутахассисону роҳсозони маҳаллӣ, ки беш аз 80% шумораи умумии коргаронро ташкил медиҳанд, иҷро кардааст.

Сарвари давлат аз ҷумла аз як пуле, ки дарозиаш 129 метрро ташкил медиҳад ва дар доираи лоиҳаи сохтмони роҳи Айнӣ-Панҷакент сохта шудааст, боздид ба амал овард.

# Панҷакент

## ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАИ МАЪДАНТОЗАКУНИИ РУКНОБОД

18 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баъди ифтитоҳи як қатор иншооти ҳаётан муҳим ва мулоқот бо сокинони ноҳияи Айнӣ ба шаҳри Панҷакент ташриф овард.

Дар шаҳри Панҷакент Сарвари давлат нахуст ба фаъолияти Ҷамъияти Дорои Масъулияташ Маҳдуди "Броадтек Тоҷикистон Майнинг Инвестмент Лимитед", воқеъ дар мавзеи "Рукнобод" оғози расмӣ бахшид.

Корхонаи маъдантозакунии Рукнобод аз тарафи ширкати чинии "Броадтек" бо арзиши лоиҳавии 135 миллион сомонӣ (21 миллион доллари ИМА) сохта шудааст.

Иқтидори истеҳсолии солонаи корхона коркарди 75,0 ҳазор тонна маъдан буда, ҳамасола ба маблағи 10 миллион сомонӣ хокаи қалъагӣ ва мис истеҳсол менамояд.

Президенти кишвар зимни ифтитоҳи коргоҳи дуюми корхонаи заршӯии ҶДММ "Зарафшон" дар шаҳри Панҷакент аз ҳолати роҳҳои мошингарди ба ин корхона баранда ва иншооти иҷтимоии маҳаллӣ изҳори норозигӣ карда, ба роҳбарияти корхона дастур дод, ки то ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин роҳи ҳаждаҳкилометрaро пурра азнавсозӣ намуда, ҳамчунин яктой мактабу кӯдакистон ва маркази барқу гармидиҳӣ бо иқтидори 50 мВт барои ин корхона сохта ба истифода диҳанд.

## 700 МИЛЛИОН СОМОНӢ БАРОИ АЗНАВСОЗИИ ШОҲРОҲ

Дар шаҳри Панҷакент низ Эмомалӣ Раҳмон қисмати дигари роҳи Айнӣ-Панҷакентро бо буридани лентаи рамзӣ ба истифода дод.

Президенти мамлакат ифтитоҳи роҳи нав, корхонаҳои саноатии маъдантозакунӣ ва заршӯиро дар шаҳри Панҷакент ба сокинон муборакбод



Технологияи навтарини корхонаи "Броадтек-Тоҷикистон" имкон медиҳад, ки дар як шабонарӯз 300 тонна хока коркард ё шуста шавад.

Ин корхона дар наздикии кони "Мушистон", воқеъ дар қаторкӯҳҳои Зарафшон бунёд карда шудааст ва аз маркази шаҳри Панҷакент 30 километр дуртар ҷойгир аст.

## ФАБРИКАИ ДУЮМИ КОРХОНАИ МУШТАРАКИ ЗАРШӮИИ "ЗАРАФШОН"

Дар шаҳри Панҷакент Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ Фабрикаи дуюми Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Корхонаи муштараки заршӯии "Зарафшон"-ро ифтитоҳ намуд.

Дар ин коргоҳ дар як сол то 2,2 тонна тиллои холис истеҳсол карда шуда, қариб 11 ҳазор тонна маъданро дар як шабонарӯз коркард менамояд.

Баробари мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани коргоҳи бузург иқтидори умумии корхона дар як шабонарӯз ба коркарди 17 ҳазор тонна маъдан баробар гардида, иқтидори истеҳсолии корхонаи муштараки "Зарафшон" то 5 тонна тилло дар як сол расонида мешавад.

Баъди бунёди корхона 185 ҷойи нави корӣ таъсис ёфта, 180 нафар мутахассиси маҳаллӣ дар ин ҷо бо кори доимӣ таъмин гардидаанд.

Дар маҷмуъ, дар корхонаҳои Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Корхонаи муштараки "Зарафшон" зиёда аз 2 ҳазору 200 нафар бо шуғли доимӣ фаро гирифта шудааст.

гуфта, изҳор дошт, ки роҳҳо натанҳо минтақаҳоро ба ҳам мепайванданд, балки ҳамчун воситаи интиқоли мусофирон ва борҳои гуногун хизмат мекунанд. Бунёди роҳҳои нав ба нақбу пулҳо ин пешрафти иқтисодиёт, сарфаи вақту маблағ буда, барои коҳиш додани арзиши маҳсулот низ хизмат мерасонад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки дар асоси барномаи зикршуда ду сол қабл, яъне моҳи октябри соли 2012 азнавсозии роҳи мошингарди Айнӣ - Панҷакентро оғоз карда будем ва имрӯз онро бо иштироки намояндагони мардуми ноҳияи Айнӣ аз гардиши Айнӣ - Панҷакент ва қисмати панҷакентии онро дар ҳузури сокинони шаҳри Панҷакент мавриди баҳрабардорӣ қарор додем.

## БОЗДИД АЗ ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНИИ "ШАҲЗОД"

Зимни сафари кории худ дар шаҳри Панҷакент Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз хоҷагии деҳқонии "Шаҳзод"- и ҷамоати деҳоти ба номи Халифа Ҳасан дидан намуд.

Дар ин хоҷагии деҳқонӣ 37 нафар саҳмдор, ки 7 нафарашонро занон ташкил медиҳанд, фаъолият менамоянд. Масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ 23 гектарро ташкил медиҳад.

Тибқи иттилои сарвари хоҷагии деҳқонии Шаҳзод Фарҳод Муҳиддинов ҳар сол аз ин хоҷагӣ 105 тонна сабзавот, 88 тонна картошка, 35 тонна гандум ҳосил ба даст меоранд.



# Шаҳристон

## МАРКАЗИ ТАЪЛИМӢ - ФАРОҒАТИИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

Субҳи рӯзи 19 - уми октябр дар рӯзи дуюми сафари корӣ дар вилояти Суғд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Маркази таълимӣ - фароғатии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ноҳияи Шаҳристон ифтитоҳ намуд.

Ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ин марказ дорои тамоми шароити зарурӣ буда, барои ба таълиму фароғат фаро гирифтани 500 нафар пешбинӣ шудааст.

Маркази таълимӣ-фароғатӣ барои омодабошӣ, машқу машғулиятҳои низомию махсус ва табобату тавонбахшии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот дар масоҳати 12 гектар бунёд ёфта, дар он майдончаҳои варзишӣ барои футбол, волейбол, баскетбол, ҳаммом, ҳавзҳои шиноварӣ ва анбор бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз, инчунин 8 бинои таълимии дуошёна, маҷлисгоҳ, ошхона бо 150 ҷойи нишаст, меҳмонхона, амфитеатри тобистона, машқгоҳи саҳрои ва ҷойи тирпарронӣ мавҷуд аст.

# Истаравшан

## ОҒОЗИ КОРҲОИ СОХТМОНӢ ДАР ШАҲРАКИ НАВИ БАҲОРИСТОН

Ҳамон рӯз Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аз ноҳияи Шаҳристон ба шаҳри Истаравшан ташриф овард.

Дар ин ҷо Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо гузоштани санги асос ва кушодани хатти обрасонӣ дар маросими оғози корҳои сохтмонӣ дар шаҳраки нави Баҳористон барои 35 ҳазор нафар аҳолии шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ғончӣ иштирок кард.

Нақшаи генералии шаҳраки Баҳористон аз ҷониби корхонаи воҳиди давлатии "Лоиҳакаш"-и шаҳри Истаравшан таҳия гардида, аз тарафи шӯрои шаҳрсозии Агентии меъморӣ ва сохтмон қабул карда шудааст.

Дар ҳудуди шаҳраки Баҳористон ба 3630 оилаи эҳтиёҷманд барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, котеҷҳо ва биноҳои баландошёна қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шудааст. Умуман, дар шаҳраки Баҳористон мутобиқи нақшаи генералӣ бунёди бинои маъмурии шаҳрак, 1 беморхона, 2 дармонгоҳ, 4 мактаб, 3 варзишгоҳ, 2 ҳаммом, бозор, истгоҳи нақлиёти мусофиркаш, дар майдони 3 га боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 3 боғчаи бачагона, 70 хонаи баландошёна, 98 котеҷ ва дар ошёнаи якуми биноҳои баландошёна нуқтаҳои хизматрасонӣ пешбинӣ шудааст.



# Ғончӣ

## 12 ҲАЗОР ГЕКТАР ЗАМИН ОБЁРӢ МЕШАВАД

19 - уми октябр сафари кории Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ғончӣ идома ёфт.

Дар ин ноҳия Президенти мамлакат нахуст ба корҳои обёрикунии 12 ҳазор гектар заминҳои лалмӣ ва чарогоҳ оғоз бахшид.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки Лоиҳа аз тарафи филиали корхонаи воҳиди давлатии институти лоиҳакашии "Тоҷикгипроводхоз" омода гардидааст.

Татбиқи навбати аввали он бо маблағгузории 15 миллион сомонӣ аз буҷаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Ғончӣ соли 2016 оғоз мегардад.

Дар ду марҳила ҳамагӣ ба маблағи 67 миллион сомонӣ 12 ҳазор гектар заминҳои корами лалмӣ ва чарогоҳи ҷамоати деҳоти Ростровут, Ваҳдат, Муҷун, Яхтан, Ғазантарак ва шаҳраки Ғончии ноҳияи Ғончӣ обёрӣ карда шуда, аҳолии шаҳраки деҳоти Ғончӣ, Даҳқат, Хишекат, Қалъаи Дӯст, Қалъаи Мирзобой, Чӯянчӣ, Нуробод, дар маҷмуъ 110 ҳазор нафар бо оби нӯшокии хушсифат таъмин карда мешаванд. Бо татбиқи ин лоиҳа дар ин ҷо 12 ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин хоҳанд шуд.



*саҳ. 3*

### БИНОҲОИ ИСТИҚОМАТӢ БАРОИ АФСАРОН

Дар ноҳияи Ғончӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон инчунин дар фазои тантанавӣ ду бинои дуошёнаи истиқоматиро дар деҳаи Қалъачаи Азими ҷамоати деҳоти Ғазантараки ноҳияи Ғончӣ ба афсарони дидбонгоҳи сарҳадии рақами 2042 тақдим намуд.

Биноҳои истиқоматии дуошёна, ки бо тарҳу сохти замонавӣ қомат афрохтаанд, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2013 аз ҷониби шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд сохта шудааст.

Фармоишгар - Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пудратчӣ Ширкати сохтмонии "Каскад Хуҷанд" мебошад, ки корҳои сохтмонро ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ба анҷом расонидааст.

Биноҳои истиқоматӣ бо маблағи 9,6 миллион сомонӣ бунёд ва ҷиҳозонида шудаанд. Дар ин ҷо 24 оилаи афсарони қисми низомӣ, ки дар ҳифзи амнияти сарҳад ва сулҳу осоиштагии кишвар сахмгузор ҳастанд, бо манзил таъмин гардиданд.

## Бобоҷон Ғафуров

### ШИНОСОӢ БО ФАЪОЛИЯТИ ШОЛИКОРОН

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафар аз ноҳияи Ғончӣ ба самти ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар сари роҳ бо фаъолияти шоликорони ботаҷрибаи ин ноҳия шинос шуда, бо деҳқонон суҳбати самимӣ доир кард.



Тавре аз таҳлилу мушоҳидаҳо аён мегардад, кишоварзони вилояти Суғд дар парвариши шолӣ таҷрибаи бой андухта, бо кишти навъҳои серҳосил ва хушсифату бозоргири ин намуди зироат пешсаф ҳастанд.

Кооперативи истеҳсолии ба номи Ҷаббор Расулов 140 гектар замин, хоҷагии деҳқонии Раҳмон Набиев дар 160 гектар, Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Паррандапарвар" дар масоҳати 20 гектар ба парвариши шолӣ ва дигар навъи зироат машғул буда, бозорҳои ноҳияву вилоятро бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин менамоянд.

### ХАТИ НАВИ ИНТИҚОЛИ БАРҚИ "ҚАЙРОҚҚУМ-АШТ"

Нимаи дуюми рӯзи 19-уми октябр сафари кории Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров идома ёфт.

Бо иштироки Сарвари давлат дар мавзеъи Сомғори ин ноҳия хатти нави интиқоли барқи "Қайроққум-Ашт" мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Сохтмони хатти интиқоли барқи 220 кВ Қайроққум-Ашт аз тарафи Бонки осиёии рушд маблағгузорӣ шудааст.

Лоиҳа корҳои сохтмони хатти интиқоли барқи 220 кВ "Қайроққум-Ашт", навсозии зеристгоҳи "Қайроққум" ва зеристгоҳи барқии 220/110/10 кВ "Ашт"-ро дар бар гирифта, маблағи умумии он баробар ба 11, 2 миллион доллари амрикоӣ мебошад.

Масофаи умумии хатти нави интиқоли барқи "Қайроққум-Ашт" 74,3 километр буда, бо насби 181 сутунпоя он ноҳияи Аштро бевосита ба ҳалқаи ягонаи энергетикии мамлакат пайваст мекунад.

### ШИНОСОӢ АЗ ВАЗЪИ РОҲҲО ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи сафар ба вилояти Суғд аз ҳолати роҳҳои ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Варзоб, Айнӣ, Панҷакент, Шаҳристон, Истаравшан, Ғончӣ, Спитамен, Ҷаббор Расулов, Чкаловск, Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров ва Қайроққум бевосита шинос шуд.

Аз ҷумла, дар як қитъаи роҳи мошингарди навбунёди Айнӣ-Панҷакент Президенти мамлакат шахсан пушти чамбари мошин нишаста, сифати ин роҳро аз назар гузаронида, ба самараи кори роҳсозони тоҷику чинӣ баҳои баланд дод.

Чунончи, зикр гардид, камбудиҳои ҷузъӣ дар роҳи Айнӣ-Панҷакент вуҷуд доранд, вале азбаски мӯҳлати сохтмони ин роҳ ҳоло анҷом наёфтааст, изҳори бовар шуд, ки ҳамаи камбудиҳо бартараф мегарданд.

Ҳамчунин, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари худ ба вилояти Суғд тавассути ин шоҳроҳ аз нақбҳои "Истиқлол" ва "Шаҳристон" убур карда, ба сифати корҳое, ки барои такмили пурраи нақби мошингарди "Истиқлол" идома дорад, баҳои баланд дод.

## Чкалов

### ҲУНАР ЯК НАМУДИ ТАБОБАТ АСТ

Субҳи рӯзи 20 октябр дар рӯзи сеюми сафари корӣ ба вилояти Суғд Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Чкалов бо фаъолияти Ҷамъияти маъюбон шинос шуда, дар маросими ифтитоҳи майдони футболи хурд иштирок кард.

Нахуст Сардори давлат аз намоишгоҳи маҳсули дасти маъюбон шинос шуда, ба кори онҳо баҳои баланд дод. Маъюбон ҳунари қолинбофӣ, зардӯзӣ, мухрабофӣ ва дигар маводу ашёи зарурии рӯзгорро ба маъраз гузоштанд. Президенти мамлакат изҳор дошт, ки ба ҳунар сарукор гирифтани маъюбон ин на танҳо касб, балки як намуди табобат аст.

Бинои ташкилоти ҷамъияти маъюбон аз ду ошёна иборат буда, дорои 30 ҳуҷра мебошад. Дар марказ ошхона бо 50 ҷойи нишаст бо шароити мусоид мавҷуд аст.

Аъзои ҷамъияти маъюбони шаҳри Чкалов беш аз 300 нафар буда, 20 каси онҳо кӯдакони маъюби то 18-сола мебошанд.

Аз моҳи августи соли 2015 дар ҳудуди ҷамъияти маъюбони шаҳри Чкалов сохтмони майдончаи варзишӣ барои бозиҳои футболи хурд дар масоҳати 800 метри мураббаъ ба роҳ монда шуд. Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат бо гурӯҳи варзишгарони маъюб аксбардорӣ карда, бо онҳо дар майдони навбунёд якҷоя футболбозӣ намуд.

Дар ҳамин ҷо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба беш аз 100 нафар аъзои ҷамъият сару либоси зимистона тақдим кард.

## Хуҷанд

### "РЕСАНДАИ ТОҶИКИСТОН"

Дар шаҳри Хуҷанд Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Корхонаи ресандагӣ ва бофандагии "Ресандаи Тоҷикистон" - и шаҳри Хуҷандро ифтитоҳ намуд.

Арзиши корҳои барқарорсозии корхона 2 миллион сомонӣ буда, коркарди солонаи он 4,5 ҳазор тонна нахи пахта мебошад.

Корҳои навсозии корхона бо дастгирии ширкати олмонии БИМЭКО сурат гирифта, дар як сол дар ин ҷо ба маблағи 35 миллион сомонӣ риштаи пахтагин истеҳсол карда мешавад.

Дар навбати аввал 350 нафар занҳои хонашин бо кори доимӣ таъмин гардиданд.

Тавре маълум шуд, роҳбарии корхонаро соҳибкор Равзанабону Неъматуллоева ба уҳда дорад ва коргоҳи ресандагиро аз ширкати "Сомон Суғд" ба муҳлати дароз ба иҷора гирифтааст.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба ғайрату иродаи қавии ин зани тоҷик аҳсан хонда, ба онҳо дар пешбурди кори роҳбарӣ ва истеҳсоли маҳсулоти бозоргир барору комёбӣ орзу намуд.

### "АРЧА" - КОРХОНАИ КОРКАРДИ ЧӮБУ ТАХТА

Ҳамин рӯз Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" дар шаҳри Хуҷанд Корхонаи коркарди чӯбу тахтаи "Арча"-ро, ки дар назди ҶДММ "Фортуна ва компания" бунёд шудааст, ифтитоҳ намуд.

Корхона аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Дадахон Очилов бо харҷи 12 миллион сомонӣ дар зарфи беш аз яку ним сол сохта шуда, дар ин ҷо зиёда аз 150 намуди дару тирезаҳои замонавӣ ва профилҳои чӯбӣ истеҳсол карда мешавад.

Дар маҷмӯъ, иқтидори солонаи корхона коркарди 250 ҳазор метри мураббаъ чӯбу тахта буда, дар як сол ба маблағи умумии 7 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол менамояд. Баъди пурра ба кор даромадани корхона ин нишондод ба 12 миллион сомонӣ хоҳад расид.

Дар ин корхона 80 нафар сокинони маҳаллӣ, ки бештари онҳоро занону духтарон ташкил медиҳанд, бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шудаанд.

### ЗЕРИСТГОҲИ "ВАҲДАТ" БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

Дар шаҳри Хуҷанд дар идомаи сафари Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зеристгоҳи "Ваҳдат" - ро ифтитоҳ намуд.

Тавре зикр гардид, зеристгоҳи нави барқии шаҳри Хуҷанд бо харҷи 4,5 миллион евро маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби сармояи се бонки аврупоии мададрасон - Бонки навсозӣ ва рушди Аврупо, Бонки сармоягузории рушд ва Комиссияи иқтисодии Аврупо бунёд шудааст. Дар маҷмуъ, барои сохтмони ин зеристгоҳ, насби ҳисобкунакҳо ва беҳсозии шабакаҳои барқии шаҳри Хуҷанд аз ҳамин сарчашмаҳо ҷудо намудани 22 миллион евро пешбинӣ шудааст.

Зеристгоҳи барқии 110/10 кВ "Ваҳдат" бо 2 трансформатори ҳар кадоме 16 мегаватт дар доираи лоиҳаи "Паст намудани талафоти нерӯи барқ дар вилояти Суғд" бунёд ёфтааст.

***Манбаъ:** president.tj*



# Дидор бо намояндаи САҲА

**Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Фаттоҳзода Саидмурод Самад ҳафтаи гузашта Сардори департаменти низомию сиёсии Созмони амният ва ҳамкории Аврупо ҷаноби Фейзо Нуманайро, ки фаъолияти худро ба наздикӣ дар Тоҷикистон оғоз намудааст, ба ҳузур пазируфт.**

Зимни суҳбат, ки дар фазои самимият доир гардид, дар атрофи вазъи сиёсию иҷтимоии ҷумҳурӣ, таҳкими меъёрҳои демократӣ, амнияти минтақа, баргузории маъракаҳои интихоботӣ, муколамаи миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои ҳукуматӣ, омилҳои таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, фаъолияти вусъатбор ва нуфузи афзояндаи он дар ҷомеа ва ғайра табодули назар сурат гирифт.

Аз ҷумла, Муовини якуми Раиси ҲХДТ С. Фаттоҳзода ба масъулияти узвият дар Созмони амният ва ҳамкории Аврупо таъкид намуда, иброз дошт, ки Тоҷикистон ба мусоидату кӯмакҳои САҲА дар амри таҳкими равандҳои демократӣ арҷ мегузорад ва муътақид аст, ки ин робитаҳо пайваста равнақ меёбанд. Роҳбари давлати мо, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки роҳи интихобнамудаи мо, ки бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ мебошад, бебозгашт буда, мардуми мамлакат танҳо аз ҳамин тариқ бо иштироки аҳзоби мухталифи сиёсӣ ҷомеаи пешрафтаю мутараққӣ ва зиндагии шоистаи мардумро таъмин карда метавонад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фаъолияти худро вобаста ба авзои сиёсию иҷтимоии кишвар роҳандозӣ намуда, бештар ба фаъолнокии занону ҷавонон эътибор медиҳад. Натиҷаи ҳамин аст, ки сафи аъзои ҳизб аз ҳисоби қишрҳои мазкур афзоиш ёфта истодааст.

Дар ниҳояти мулоқот ҷаноби Фейзо Нуманай барои суҳбати гарму самимӣ ва судманд сипосгузорӣ намуда, ҷиҳати таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо изҳори умедворӣ кард.

**Усмон СОЛЕҲ,**
*сухангӯи ҲХДТ*



# ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ 9-моҳа

Рӯзи 16 октябри соли ҷорӣ дар толори маҷлисгоҳи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти нуҳмоҳаи Комиссияи кор бо занону ҷавонони Кумитаи иҷроияи вилоятӣ бо иштироки мудирони шуъбаву бахшҳо ва комиссияҳои кор бо занону ҷавонони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа доир гардид. Дар ҷаласа мудири шуъбаи ташкилии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилоят Соҳибназар Худойназаров ва мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Шаҳло Шомуддинова ширкат доштанд. Ҷаласаро мудири шуъбаи кор бо занону ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Шаҳло Шомуддинова оғоз намуда, дар назди иштирокдорон оид ба фаъолияти комиссия дар нуҳ моҳи сипаришудаи соли 2015 ҳисобот дод. Сипас, мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Қӯрғонтеппа Дилафрӯзи Абдулло, мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ Лола Сулаймонова ва дигар масъулон баромад намуда, оиди корҳои ба анҷом расонидаашон тӯли нуҳ моҳи соли равон дар назди ҳозирин ҳисобот доданд.

Мудири шуъбаи ташкилии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Соҳибназар Худойназаров, фаъолияти комиссия, ҳайати сифатии аъзои ҲХДТ, ҳолати ҷалби ҷавонон ва занон ба узвияти ҲХДТ дар ноҳияҳоро таҳлил намуда, дар назди иштирокдорон оид ба вусъати корҳои таблиғотӣ, тақвият бахшидани корҳои Ситодҳои таблиғотии ҳизбӣ ва гурӯҳҳои мобилӣ, ба роҳ мондани таблиғот тавассути корҳои амалии созандагиву бунёдкорӣ ва ба воситаи сомонаи интернетиву нашрияҳои ҳизбӣ дастраси умум гардонидани дастовардҳои ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, вазифаҳои навбатиро муайян намуд.

Дар фарорварди кори ҷаласа ба иштирокдорон наворҳои корҳои оммавию сиёсии дар шаҳри Қӯрғонтеппа баргузоргардида намоиш дода шуд.

**Зебо ИКРОМОВА**



# ҲАЗОРАИ ИХТИЁРИЁН

**Б. ҒАФУРОВ.** Маъракаи тирамоҳии даъвати ҷавонон ба хизмати аскарӣ идома дорад. Боиси тазаккур аст, ки мавсими навбатии гусели ҷавононро дар вилояти Суғд бо тайёрии махсус оғоз намуданд. Дар рӯзи аввали даъват дар амфитеатри назди Қасри Арбоби ноҳияи Б.Ғафуров чорабинии калони фарҳангӣ бо иштироки 1000 нафар ҷавононе, ки ихтиёран ба адои қарзи Модар-Ватан рафта истодаанд, волидайну пайвандони онҳо ва ҷавонони шаҳру навоҳии вилоят баргузор гардид.

Дар қисмати расмии он Раиси вилояти Суғд, аъзои Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ Абдураҳмон Қодирӣ бо қаноатмандӣ зикр намуд, ки имрӯз ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон аз шаҳру ноҳияҳои вилоят беш аз 1000 нафар ҷавонон бо хоҳиши худ сафарбар мешаванд, ки аксари онҳо дорои маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ буда, дар миёни онҳо ҷавонони соҳибҳунар низ ҳастанд. Нахустин рӯзи даъват дар ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳ ва шаҳри Истиқпол меъёри даъвати ҷавонон ба сафи Артиши миллӣ ба иҷро расида, дар як қатор шаҳру ноҳияҳо он рӯз то беш аз 90 дарсади нақша иҷро гардидааст.

Қабл аз гусели даъватшавандагон дар шаҳраки Ғафуров барои даъватшавандагон ва волидони онҳо, дастархони идона ороста шуда, барномаи консертӣ манзур карда шуд.

Даъватшавандагон бо рӯҳияи болида озими ҷузъу томҳои низомии ҷануби кишвар шуданд.

**М.МАҚСУДОВ**



# ПЕШГИРӢ АЗ ОМИЛҲОИ НОМАТЛУБ

***Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" дар доираи даври дуюми чорабиниҳои худ бахшида ба пешгирии гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ дар шаҳри Хоруғи вилояти Бадахшон дар мавзӯи "Омилҳои гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз он" мизи мудаввар баргузор намуд, ки дар он ҷавонон аз навоҳии атрофи шаҳри Хоруғ, намояндагони ҳифзи ҳуқуқ, рӯзноманигорону коршиносон, аҳли дин ва мақомоти муҳоҷират иштирок намуданд.***

***Ҳадаф аз баргузории чунин чорабинӣ тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ, сафарбар намудани қувваи созандаи онҳо ба корҳои хайри ҷамъиятӣ ва огоҳ намудан аз хатарҳои замони муосир, ки бештар вақт ба рӯҳияи ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд, иборат мебошад.***

"МХ"

# ОЛМОН САРҲАДИ ХУДРО БА РӮИ МУҲОҶИРОН МЕБАНДАД?

**Вақтҳои охир хуруҷи муҳоҷирони кишварҳои Шарқи Наздик ба Аврупо шиддатноктар мешавад, агар Австрия ва Олмон сарҳади худро ба рӯи муҳоҷирон набанданд, пешгӯӣ мекунанд коршиносони INTERFAX.**




**ШАНБЕИ** гузашта Наздики 2700 нафар муҳоҷир аз кишварҳои Шарқи наздик баъди оне, ки Венгрия сарҳади худро ба рӯи муҳоҷирон баст, вориди Словения шуданд, хабар медиҳад хабаргузории BBC News. Дар назар аст, ки омадани муҳоҷирон давом карда аксарияти онҳо макони иқомати минбаъдаи худро дар Австрия ва Олмон интихоб кардаанд. Бино бар маълумоти пулиси Словения рӯзи 17-уми октябр автобусҳои пур аз муҳоҷир ба гузаргоҳи сарҳадӣ расида сабти ном шуданд. Словения бо ҳадафи кам кардани ҳаракати муҳоҷирону паноҳандагон аз Балкан ба самти кишварҳои ғарби Аврупо равуои қаторҳо байни ин кишвар ва Хорватияро бастааст. Сарвазири Словения Мирослав Серар ба ҳарбиён тавсия додааст, ки барои ёрмандӣ ба пулиси кишвар дар ҳолати омодабош қарор гиранд. Словения то баста шудани сарҳади Австрия ва Олмон муҳоҷиронро қабул хоҳад кард, хулоса мекунад, сарвазири ин кишвар.

Пеш аз бастани марзи Венгрия Иттиҳодияи Аврупо ваъда дода буд, ки ба Туркия, ки ҳазорон гурезаи кишвари Сурияро паноҳ додаст, кӯмак мекунад, то ҳаракати онҳо ба сӯи Аврупо камтар шавад.

Созмонҳои байналмилалӣ аз амалҳои пешгирифтаи кишварҳои аврупоӣ изҳори норизоӣ намуда, онро нақзи ҳуқуқи инсон меноманд.

**СУРИЯ МАКОНИ ҲАРБИ АБАРҚУДРАТҲО.** Бино ба иттилои расонаҳо такя ба маълумоти Вазорати дифои Федератсияи Русия дар 24 соати рӯзи якшанбеи гузашта ҳавопаймоҳои ҷангии рус дар 39 парвозу зарбазанӣ 51 ҳадафи Давлати Исломиро аз байн бурдаанд.

Дар давоми ду ҳафтаи охир, аз замоне, ки ҳамлаҳои ҳавоии Русия оғоз шуд, нерӯҳои Сурия дар минтақаҳои гуногуни ин кишвар бобати аз хоки кишвар пок кардани ҷангиёни бо ном Давлати Исломӣ пешрав ҳастанд.

Маркази кашшофии Амрико Пентагон бошад, тасдиқ мекунад, ки бар асари бомбаандозиҳои рӯзҳои охир дар шимолу ғарби Сурия яке аз сарварони ҷангиёни "Хуросон" Санафӣ Наср ба ҳалокат расонида шуд. Номбурда яке аз нафарони калидӣ дар ҳайати Ал- Қойида" маҳсуб меёфт, изҳор медоранд расонаҳо. Вазири мудофиаи ИМА Эштон Картер нобуд сохтани Насри 30- соларо яке аз самтҳои афзалиятноки зарба ба гурӯҳи "Хуросон" маънидод кардааст. Бино ба маълумоти маркази таҳлилии SITE Intelligence Group, Наср ҳамчунин бо номи Абдул Муҳсин Ҳасан Абдулло Шареҳ маълум буда, бо Абдул Малика ал-Ҷазравӣ ва як шаҳрванди Марокаш бо номи Абу Ясири Мағрибӣ, кушта шудаанд. Феълан дар қаламрави Сурия зарбаҳои ҳавоиву амалиёти густурдаи низомӣ идома дорад.

# УКРАИНА УЗВИ МУВАҚҚАТИИ ШӮРОИ АМНИЯТИ СММ ИНТИХОБ ШУД

**Дар интихоботе, ки рӯзи панҷшанбеи гузашта дар Ню - Йорк доир гардид, Украина ба узви Шӯрои амнияти СММ пазируфта шуд.**

**КОРШИНОСОН** барои солҳои 2016-2017 ба садорати Шӯрои амният нишастани намояндаи Украинаро, ки имрӯз бо аъзои доимии ин созмони бонуфуз - Федератсияи Русия дар масъалаи ҳаллу фасли муносибатҳои байналмилалӣ кор мегиранд, махсус қайд менамоянд.

Мавриди тазаккур аст, ки барои ба аъзогии Шӯрои амният СММ пазируфта шудан Украина тавонистааст, ки раъйи намояндагони 188 давлатро ба даст орад. Ҳол он ки барои узвият ба ин созмон 117 овоз кифоя буд.



Пеш аз ба узвияти муваққатии Шӯрои амнияти СММ пазируфта шудани Украина вазири корҳои хориҷаи ин кишвар Павел Климкин изҳор намуда буд, ки намояндаи Киев новобаста ба сулҳи муваққатии шарқи Украина бо Русия дар сари мизи ин созмони баландпояи байналмилалӣ мавқеи сулҳхоҳонаро ишғол нахоҳад кард.

Барои шомил шудан кишварҳои Миср, Япония, Уругвай, Сенегал аз минтақаҳои худ раъйи заруриро ба даст оварда, зарур аст, ки аз се ду ҳиссаи овози намояндагони Шӯрои амниятро дар интихобот ба даст оваранд.

Фаъолияти дусолаи аъзои муваққати Шӯрои амнияти СММ аз аввали январи соли оянда оғоз мешавад. Баробари оғози фаъолияти аъзои нав намояндагони Чили, Чад, Урдун, Литва ва Ҳабашистон фаъолияти худро қатъ хоҳанд кард.

## ШАРТҲОИ БАРГУЗОРИИ ИНТИХОБОТ ДАР ДОНБАСС

**САРВАЗИРИ** Украина Арсений Ятсенюк 4 шартеро ном бурд, ки бояд қабл аз баргузории интихобот дар Донбасс иҷро шаванд. Шартҳои мазкур, ба гуфтаи Ятсенюк, берун бурдани "нерӯҳои Русия" аз Донетск ва Луганск, бозгашти гурезагон, иҷрои қонунҳои Украина ва таъмини рақобати сиёсӣ ҳангоми баргузории интихобот мебошанд. Интихоботи маҳаллӣ дар Украина 25 октябри соли ҷорӣ баргузор мешавад. Намояндагони ҷумҳуриҳои ҷудоихоҳи мардумии Донетск ва Луганск қаблан изҳор доштанд, ки интихоботи маҳаллиро ҳамроҳ бо дигар минтақаҳои Украина баргузор нахоҳанд кард.

## САРВАЗИРИ СОБИҚИ МОЛДОВА 30 РӮЗ ЗИНДОНӢ ШУД

**СУД** дар Молдова муҳлати боздошти нахуствазири собиқи кишварро боз ба 30 рӯз тамдид кард. Додситонӣ Владимир Филатро дар фасодкорӣ ва дуздии як миллиард евро аз низоми бонкии Молдова айбдор мекунад. Нахуствазири собиқ ҳукумати кишварро миёни солҳои 2009 то соли 2013 раҳбарӣ мекард ва 15 октябр вай дар бинои порлумон барои бозпурсӣ боздошт шуд.

## ТАМДИДИ МУҲЛАТИ НЕРӮҲОИ ИМА ДАР АФҒОНИСТОН

**ПРЕЗИДЕНТИ** ИМА Барак Обама дар робита ба афзоиши хатарҳои эҳёи Толибон ва беэътимодӣ ба тавонмандии низомии Афғонистон изҳор дошт, ки 9800 низомии амрикоӣ то поёни соли 2016 дар Афғонистон мемонанд ва баъдан дар соли 2017 шумори онҳо то 5500 нафар кам мешавад. Обама афзуд, ки нерӯҳои амрикоӣ дар Афғонистон баъд аз соли 2016 дар пойгоҳи ҳарбии Багром - дар шимоли он кишвар, дар шарқ - дар Ҷалолобод, ҳамчунин дар ҷануб - дар наздикии Қандаҳор ҷойгир хоҳанд шуд.

## ОЛМОН ПОЙГОҲИ НИЗОМИАШРО ДАР ӮЗБЕКИСТОН МЕБАНДАД

**ТО** охири соли ҷорӣ нерӯҳои мусаллаҳи Олмон пойгоҳи ҳавоии худро дар шаҳри Тирмизи Ӯзбекистон мебандад. "Мо ба ин натиҷа расидем, ки интиқоли низомиёни олмониро тавассути шариконӣ дигар метавонем анҷом диҳем ва нигаҳ доштани фурудгоҳи захиравӣ дар Тирмиз нозарур шудааст", - гуфт сухангӯйи вазорати мудофиаи Олмон подполковник Маркус Бек дар суҳбат бо "Озодлик". Дар моҳи апрели соли ҷорӣ нашрияи олмонии Der Spiegel навишта буд, ки ҷониби Ӯзбекистон барои як соли иҷораи пойгоҳи ҳавоӣ аз Олмон 72,5 миллион евро талаб кардааст, ҳарчанд дар солҳои пеш ин рақам 35 миллион евро будааст.

## ГУНАҲКОРИ СУҚУТИ ҲАВОПАЙМО КИСТ?



**ПРЕЗИДЕНТИ** Украина Пётр Порошенко бар ақидаест, ки ҷониби Русия дар садамаи фоҷиабори тайёраи ширкати Малайзия MH17, ки соли гузашта дар Украина дучори фалокат шуд, гунаҳгоранд ва гунаҳгорон бояд ҷазо гиранд. Ёдовар мешавем, ки тайёраи Малайзия 17 июли соли 2014 дар шарқи Украина дучори садама гардида, ҳамаи 298 мусофирон ба ҳалокат расиданд. Аксари мусофирон шаҳрвандони Нидерландия буданд. Таҳқиқоте, ки тӯли 15 моҳ аз тарафи кишвари Ҳолландия дар иштироки мутахассисон аз Австрия, Белгия, Малайзия ва Украина гузаронида шуд, собит сохтааст, ки тайёра бар асари ракетаи "Замин-ҳаво", ки истеҳсоли Федератсияи Русия мебошад, зада ғалтонида шудааст. Ҳарчанд ба ҳайати ин комиссия аз ҷониби кӣ ё кадом гурӯҳ ба сӯи тайёра равона шудани ин ракета маълум нест, бархе аз коршиносон тахмин мезананд, ки "Боинг"-и малайзиягӣ иштибоҳатан мавриди ҳамлаи сепаратистҳои рус, ки дар шарқи Украина муқобили нерӯҳои ҳукуматии ин кишвар набард доштанд, зада шудааст. Ҷониби Русия бошад, ин таҳқиқотро супоришӣ ва муғризона баҳогузорӣ менамояд. Ҳамчуноне намояндаи Вазорати корҳои хориҷии ФР Мария Захарова мегӯяд, ин амал идомаи далелҳои бофтаест, ки пештар садо дода буданд.

«МХ»

# ОЛАМИ ДИГАР БИБОЯД СОХТ, АЗ НАВ ОДАМЕ...

## (иллат дар риш аст ё дар мағз?)

Ёд дорам устоде моро дар давраи донишҷӯӣ аз фанни педогогика дарс мегуфт. Устод айнакашро бо нӯги ангушти ишоратиаш дуруст карда, пайваста такрор намудани як мақолро хеле дӯст медошт. "Пеш аз инқилоб (манзур Инқилоби октябри соли 1917) дар деҳаи мо як шахси босавод буд, ин ҳам мулло... Баъд аз инқилоб бошад, танҳо як нафар бесавод боқӣ монд, ки ҳамон мулло буд... ".



**ЧУН** ҷавон будем, суханони устодро як зарофате беш намепиндоштем ва фалсафаи ин ҳарфҳоро амиқ дарк намекардем... Вале имрӯз чун сари ин гуфтаҳо тафаккур мекунам, то кадом андоза ҳатто имрӯз ҳам, бо гузашти даҳсолаҳо муҳим будани онҳо ба хубӣ эҳсос мешавад. Яъне то инқилоб чун мардум саводи казоӣ надоштанд, ба ҳарфҳои як нафар, муллои деҳа, ки ба истилоҳе "соҳиби мурдаву зинда" - ашон буд, эътимод мекарданд. Мулло дар деҳа ҳам раис, ҳам прокурор ва ҳам суд буд. Ҳукмаш ҳамеша раво буд ва касе ҷуръати ихтилофи хоставу фармудаҳои ӯро надошт. Вале баъд аз инқилоб, чун курсҳои маҳви бесаводӣ боз шуданду фарзанди камбағал ба мактаб роҳ ёфт, дигар мардуми одии деҳа низ аз дунё бохабар шуданд ва ба фатвою ҳидояти муллои деҳа ниёз намонд.

Ҳайҳот, ки бо гузашти даҳсолаҳо боз рӯҳониён даъвои соҳиби минбару мадраса ва зиндаву мурдаи мардум шуданро доранду боз мехоҳанд, ки ҷомеа таҳти тасаллути эшон қарор бигирад...

Мардуми сода ва зудбовари мо боз хурофоту ҷаҳолатро бар илму дониш тарҷеҳ дода, думболи ҳамон муллои чалласавод меравад, ки мавъизаҳояш дар доираи ришу либосу таҳорат ва кулӯхи ташноб маҳдуд шудааст. Агар чанд сол қабл марди огаҳе барои тақвияти ақволи худ аз абёти оламгири Ҳофизу Бедил ва ё Мавлоно Румӣ мисол меовард, имрӯз гуфтаву фармудаҳои "эшони фалониҷон"-у "беҳмадонтӯра" вирди забонҳо шудааст. Яъне назари маҳдуди як муллои кӯчаро фарози андешаву афкори Ҳофизу Бедилу Мавлавӣ мегузоранд. Ҳол он ки ҳанӯз садсолаҳо қабл аз ин Мавлоно Румӣ аз баҳсу даъвои ҳамин ба истилоҳ "зоҳидони тақвопараст" ва "эшону тӯраҳо", ки на аз маърифати илоҳиву на аз завқу ҳолати соликони роҳи тариқат хабар доштанд, ба дод омада, мегуфт:

*Мо зи Қуръон*
*баргузидем магзро,*
*Пӯстро пеши*
*сагон андохтем.*

Яъне мо аз Қуръон мағзро бардоштем, ки қаноату муҳаббату сафо ва дурӣ ҷустан аз олами асбоб, нафсу ҳаром ва ихтиёр кардани гӯшаи узлат аст, на мисли шумо, ки афкоратон бо ҷангу ғаним, нафсу шаҳват, қатлу ваҳшат маҳдуд шудааст.

Аммо... Имрӯз вазъият бамаротиб сангинтар аст, аз он ки устод дар давраи қабл аз инқилоб ёд мекард. Агар он замон як мулло ба хотири нафс ва таъмини маишати худ аз боварии мардум сӯиистеъмол мекард, имрӯз бо дастури кишварҳои Ғарб ва дастгирии нафтдолларҳои машоихи араб гурӯҳҳову ҳизбҳову давлатҳо таъсис ёфта истодаанд, ки сохтори суннатии кишварҳои Шарқро барҳам зада мардумашро ба коми ҷангу оташ мекашанд.

Боиси таассуф аст, ки ҷавонони ғафлатзадаи минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон низ побанди таблиғ ва шефтаи долларҳои шайхҳои араб гардида бо "ДИИШ"-у "Ҷабҳат ан-Нусра" ва "ли-Аҳли аш-Шом"-ҳо "аҳд" мебанданд.

Дар ин маврид шомил шудани беш аз 500 нафар (шояд бештар ҳам бошад) ҷавонони гумроҳи тоҷик ба ДИИШ бояд барои мо хеле боиси нигаронӣ бошад. Мо бояд роҳҳои пешгирии ин вабои асрро пайдо кунем. Танҳо бо фаъолияти ниҳодҳои қудратӣ иктифо ва ё бо гузаронидани як ду ҷаласа дар маҳалҳо, ки аслан ба хотири ҳисобот аст, қаноат кардан комилан кофӣ нест.

Худ қазоват кунед, ки чӣ гуна имкон дорад, агар чанд нафар ҷавон дар деҳа ё маҳалла таҳти таъсири ақоиди иртиҷоӣ қарор бигираду касе аз он воқиф набошад? Охир ин мисли як бемории рӯҳӣ аст, ки аз он бехабар мондани аҳли байт, хешовандон ва ё роҳбарони ҷамоат ғайримумкин аст. Пинҳон нест, ки дар аксари тӯю маросимҳо ин ҷадидмусалмонҳо суннатҳои санияи мардумиро мисли кашидани карнаю баланд шудани садои мусиқӣ, ки мероси ҳазорсолаи ниёгон аст, беибо инкор мекунанд ва ҳатто дар аксар ҳолатҳо роҳ намедиҳанд. Вале раисони ҷамоату маҳаллаҳо, хатибони масҷид ва ё ба истилоҳи дигаре "фаъолон" дар канор истода сукутро авло медонанд. Пас мо чӣ гуна метавонем бо ин "қавми хомӯш", ки вазифаашон дар доираи "справка" додану "оши тӯй" хӯрдан маҳдуд шудааст, бо идеологияи қавии шовинизми динӣ мубориза барем?

Дар Япония қонуне ҳаст. Агар мансабдори давлатӣ дар ду ҳолат шоҳиди бевоситаи ҷиноят бошаду бетарафӣ ихтиёр кунад, дар баробари ҷинояткор ба ҷавобгарӣ кашида мешавад: дар ҳоли нақзи ҳуқуқи инсон ва ё помол кардани муҳити зист. Вале сад афсӯс, ки як идда гумроҳон таърих, мазҳаб, қонун ва ҳуқуқҳои моро поймол месозанду мо аз садо баланд кардан истиҳола мекунем. Ҳамин хомӯшии мо боис шуда, ки сафи ин гуна ҷавонон афзояду ҳукмашон дар ҷомеа раво гардад.

Шояд фурсати он расидааст, ки дар баробари ин гурӯҳҳои иртиҷоӣ масъулини мақомоти маҳалҳо, ки дидаву дониста пеши роҳи таассубро намегиранд, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд?

Шояд парлумони мо қонунеро дар мавриди бекор кардани ҳуқуқи шаҳрвандӣ барои ҷавонони мутаассибе, ки тарки Ватан намуда биёбони арабро ихтиёр кардаанд, ба тавсиб расонад, то ба дигарон дарси ибрат бошад? Чаро не? Чун онҳо аз шаҳрванди Тоҷикистон гӯё ор мекунанду бо нишони эътироз шиносномаи худро ба коми оташ меафкананд, чаро ватане, ки онҳоро дар оғӯши худ парвардааст, аз чунин фарзанди нохалаф безор набошад...

**Бахтиёр ҲАМДАМ**

**Мулоҳиза**

**Бо авҷи паҳншавии терроризм ва рушди гурӯҳҳои ифротӣ дар саросари ҷаҳон, таҳлукаи пайдо кардани маълумот дар бораи ин раванди хатарнок беш аз пеш меафзояд. Ашхоси сермутолиа ва огоҳ аз расонаҳои хабарӣ ҷӯёи ҳар як ҳарфу ҳиҷои сиёсӣ мегарданд, то сари вақт бидонанд, ки ин ҷараён чӣ рангҳои тоза мегирад, то кадом сарҳадҳо расида ва шояд роҳи наве пеш гирифтааст.**

# ДАРСҲОИ РӮЗГОРИ МУОСИР

**АФРОДИ** *бо технологияи муосир ошно дар чанд дақиқае аз тозатарин иттилоъ чӣ дар ин мавзӯъ ва чӣ дар дилхоҳ масъалаи дигар аз шабакаҳои пуриттилои бисёре маълумот пайдо мекунанд. Аммо маълумот дар бораи ин ҷараёнҳое, ки таи даҳсолаҳои охир рушд кардаву босуръат ҷараён доранд, шояд барои бархе аз муаллимон ҳам дастнорасанд.*

*Гӯё мо намедонем, ки омӯзгори деҳот имрӯз дигар он шахси аз ҳама сермутолиаву бохабар нест. Зеро муаллимони деҳот (80 дарсади аҳолии кишвар дар деҳот мезиянд) аксаран тибқи иттилои мо дастрасӣ ба интернет надоранд. Агар ин беимкониятиро бебарқии зимистон як сабаб бошад, надоштани компютер (ноутбук, планшет, телефонҳои бисёрфунксиягӣ ва ғ.) сабаби дуввум аст. Вале аз ин ҳама гузашта, сабаби асоситарин он аст, ки муаллими деҳа имрӯз танҳо омӯзгор не, балки 20% муаллим ва 80% деҳқон аст. Омӯзгор замини хоҷагӣ дорад, ки қариб тамоми маҳсулоти хӯрданиашро корида, аз он ҳосил мебардорад. Гандум коридан, боғдориву шоликорӣ, полезу ҳота ва ҳатто замини пахтаву ҷуворимакка доштани муаллимони маҳал як чизи оддӣ ва ҳатто ҳатмии зиндагӣ шудааст. Дар бораи он, ки зиёда аз 90- фоизи омӯзгорони ноҳияҳои дур аз марказ матбуоти ҳафтаинаро ҳам сари вақт намегиранд, ҷойи баҳс нест. Ин иттилоъ санҷидашуда аст, ки фикр мекунам суоле аз худ бояд боқӣ нагузорад.*

*Акнун бармегардем сари масъалаи он ки насли навраси мо бояд аз куҷо маълумоти сареҳи саривақтӣ оид ба таҳаввулоти олам бигирад? Дар бораи терроризму экстремизм, ки хеле хатарноканду кишварҳои пурқудраттаринро ҳам ба таҳлука овардаанд, чиро бояд бидонад? Аз нигоҳи мо саравval бояд барои муаллимон дарс ё семинарҳои махсус ташкил карда, онҳоро бо ин мавзӯъ "мусаллаҳ" созем. Чунин курс-семинарҳоро мақомоти қудратӣ дар ҳамкорӣ бо вазорати маориф метавонанд роҳандозӣ кунанд. Сипас, ин муаллимони омӯзонидашуда метавонанд ҳамин гуна семинарҳоро барои омӯзгорони мактабе, ки дар он кор мекунанд, доир намоянд. Омӯзгорон бошанд, дар навбати худ дар дарсҳои тарбиявӣ ин иттилоъро барои хонандагони синфҳои болоӣ бозгӯ кунанд. Хеле муҳим аст, ки дар чунин дарсҳо ҷанбаи динӣ - идеологии чунин ҷараёнҳо бештар кушода дода шавад. Зеро имрӯзҳо дар ҷомеаҳои гуногун ҳам дастандаркорони ин гурӯҳҳо маҳз ба ҳамин ҷанбаъ такя месозанд.*

*Агар иттилои дақиқу дастрас дар бораи чӣ будани терроризм, кӣ будани террорист, чӣ будани экстремизм ва чӣ гуна ташкил шудани гурӯҳҳои ифротгаро, идеологияи ин равияҳо, мақсади онҳо, тарзи ҷалб кардани дигарон ба ин гурӯҳҳо, оқибатҳои амали чунин ҷараёнҳоро бо усулҳои замонавии таълим ба хонандагон дуруст расонида тавонанд, фикр мекунем як бахши аъзами кор дар ин самт ба субут расонида мешавад.*

*Муҳим аст, ки аз асли Ислом онҳоро воқиф созанд, то пайи хурофот нараванд.*

*Ин кори хеле нозук буда, барои он тайёрии хуб, донишу саводи қавӣ, нутқи бурро бояд дошт. То сабақи муаллим аз мавъизаи мулло бақувваттару муассиртар садо бидиҳад. То мисолҳои овардааш бар пояи исбот ва ҳақиқат бошанду таъсири суханаш волотар.*

*Мутаассифона, мо дар ин самт ҷойи ифтихор надорем. Перомуни дини Ислом ба ҷуз чанд китобчаи хондани намозу фарзу айн ва якчанд брашураҳои таблиғотии дар дигар кишварҳо нашршуда, навраси мо китоби дигаре намеёбад.*

*Сиёсатшиносони мо бояд кайҳо дар ин бора андеша мекарданд. Олимони диншиноси мо замоне, ки бо суръати баланд китобҳои ба таври ғайрирасмӣ ба кишвари мо воридгашта, ба савдо мерафтанд, дар пайи нашри китобҳои ба синну соли кӯдак мувофиқ мешуданд.*

*Дар кишвари Русияе, ки дини мусулмонӣ яке аз динҳои халқиятҳояш маҳсуб аст, саду як хел китобҳоеро дарёфт кардан мумкин аст, ки аз таърихи дини Ислом то имрӯза иттилоъ доранд. Вале мо чунин ифтихор карда наметавонем. Ақаллан тарҷумаи баъзе аз онҳоро мо бояд кайҳо оғоз мекардем. Шояд нафаре изҳори нигаронӣ кунад, ки он китобҳоро ғайримусулмонон навиштаанд. Пас ку он мусулмононе, ки худ ин корро метавонистанд ба ҷой оваранд? Ва чаро накунанд? Ва чаро накарданд? Мусулмон будан маънои онро надорад, ки аз дин ё фарҳанги дигарон бехабар бошӣ. Моро мебояд, ки аз дину оини дигарон ҳам воқиф бошем, муқоиса карда тавонем, ки мусулмон аз насронӣ, яҳудӣ, аз намояндаи дини буддоӣ ва дигарон чӣ фарқ дорад. Аммо моро бо дину оини худамон аз берун ошно карданӣ мешаванд, ки ин боиси нигаронист. Ҳар касе "кӯрпаро тарафи худаш мекашад". Ва оқибатҳои ногуворашро дар ин гузаштаи наздик чандин бор дидаем.*

*"Илм дар хурдӣ, нақш бар санг" гуфтаанд, ҳар чизе, ки ба инсон дар ин давра омӯзонда мешавад, то абад дар хотирааш боқӣ хоҳад монд. Нафрат ба терроризм ва дурӣ аз ифротгароӣ ҳам аз қабили сабақҳоеанд, ки инсон бояд онҳоро барои як умр биёмӯзад. Замони муосир таҷдиди назар ба аксар дарсҳои мактабҳо ва такмили усулии онҳоро дорад.*

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

# БАРРАСИИ ИМКОНИЯТҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Ба ҳадафи ошноӣ ва баррасии имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистон дар "Кохи Борбад" бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2015 таҳти унвони "Саҳми соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар рушди устувор" баргузор гардид.**




Дар Форум намояндагони Ҳукумат, вазорату идораҳои Тоҷикистон, вакилони парлумони кишвар, намояндагони мақомоти кишварҳои шарик, соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ, ширкатҳои бонуфузи хориҷӣ ва ҷумҳуриявӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва роҳбарони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, олимону коршиносони варзида, намояндагони 350 ширкати сармоягузор аз 35 кишвар иштирок намуданд.

### ШАРОИТИ МУНОСИБ БАРОИ РУШДИ МУКОЛАМА БО СОҲИБКОРОН

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар оғоз муаррифии имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистон, шароити мувофиқ барои муколама, баррасию дарёфти роҳҳои ҳалли муҳимтарин масоил ва мушкилоти иқтисодӣ, навгониҳои фазои сармоягузории мамлакат, ба роҳ мондани ҳамкориҳои мустақими тиҷоратию иқтисодӣ байни соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ, таҳкими ҳамкории дарозмуддат ва бонақшагирии фаъолияти муштараки онҳоро аз ҳадафҳои ҳамоиш унвон кард. Вай таъкид намуд, ки чунин чорабиниҳо барои густариши ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ байни кишварҳо, бахусус байни соҳибкорону сармоягузорон мусоидат менамояд.

Зимни баромади хеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлилҳои амиқ дар бораи дастгирии соҳибкории хурду миёна, имтиёзҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, таъсиси фонди дастгирии соҳибкорӣ, натиҷаҳои мулоқоти қаблии худ бо соҳибкорон, иштироки тоҷирон ва сармоягузорони дохилию хориҷӣ дар рушди иқтисодии мамлакат, изҳори назар кард.

Сардори давлат бо нигаронӣ аз таъсири манфии вазъи мураккаби геосиёсии ҷаҳонӣ, коҳишёбии суръати рушди иқтисодӣ ва қурби асъори миллии шарикони асосии тиҷоратии кишвар ва тағйирёбии нархи молу маҳсулоти асосии содиротиву воридотӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакатҳо иброз дошт, ки рушд ва таҳкими робитаҳои иқтисодии берунӣ бо ҳамаи мамлакатҳои дӯст ва шарик вазифаи муҳимтарини сиёсати иқтисодии Тоҷикистон мебошад.

### ТАШКИЛИ БЕШ АЗ 1100 КОРХОНАИ НАВ ВА КОҲИШИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ

Лозим ба зикр аст, ки дар кишвар суръати рушди миёнаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то ба 7 фоиз расида, сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз 53 фоизи соли 2007 то ба 32 фоиз дар соли 2014 коҳиш дода шудааст.

Дар давоми солҳои 2000-2014 ҳаҷми маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ аз 109 миллион сомонӣ то 7,4 миллиард сомонӣ ё 68 баробар ва шумораи корхонаҳои саноатӣ 1116 адад зиёд гардид.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар идома доир ба дастгирии бахши соҳибкорӣ изҳор дошт, ки бо мақсади рушди соҳибкории хурду миёна ва дастрасӣ ба захираҳои қарзи имтиёзнок Фонди дастгирии соҳибкорӣ таъсис дода шуд.

Фонди мазкур аз оғози фаъолияти худ то имрӯз ба 117 субъекти соҳибкорӣ бо фоизи паст дар ҳаҷми беш аз 95 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат ҷудо намудааст, ки 47 шаҳру ноҳияи кишварро фаро мегирад.

Илова бар ин, барои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ аз ҳисоби захираҳои қарзии низоми бонкӣ дар соли 2014 ба соҳибкорон ба маблағи қариб 9 миллиард сомонӣ ва дар 8 моҳи соли 2015 дар ҳаҷми 7 миллиард сомонӣ маблағҳо ҷудо шудаанд.

### ШИРКАТҲОИ ВАТАНӢ БО ХОРИҶИҲО РАҚОБАТПАЗИР БОШАНД

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз лоиҳаҳои сершумори давлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ аз соҳибкорони ватанӣ даъват намуд, ки барои иштирок дар тендер ва иҷрои онҳо бо ширкатҳои хориҷӣ рақобатпазир бошанд, зеро дар чанд соли охир дар соҳаи пешбурди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя як силсила ислоҳот, ки ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидории субъектҳои соҳибкорӣ равона гардидаанд, анҷом дода шуданд.

Барои ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ ва ҳамгирой бо иқтисоди ҷаҳонӣ, ки аз ҳадафҳои Ҳукумати Тоҷикистон ба шумор меравад, чораҳои ҷиддӣ андешида шуда, дар кишвар шароити озоди рақобат фароҳам оварда шудааст ва аз лиҳози ҳимояи ҳуқуқӣ байни шахсони ҳуқуқиву воқеии дохилӣ ва хориҷӣ ягон фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад.

### БАЪЗЕ СОҲИБКОРОН БО ДОДАНИ РИШВА МЕХОҲАНД ҚОНУНШИКАНИҲОИ ХУДРО РӮЙПӮШ НАМОЯНД

Дар идома таъкид шуд, ки бо вуҷуди дастовардҳо, ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки метавонанд фаъолияти соҳибкориро халалдор намоянд. Яке аз роҳҳои дастгирии соҳибкорӣ ин ба танзим даровардани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз тарафи мақомоти санҷишгар ва пешгирӣ намудани санҷишҳои беасос мебошад.

Лекин баъзан дахолати беасос ба фаъолияти соҳибкорон ва гузаронидани санҷишҳои ғайринавбатӣ ва такрорӣ тибқи дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти ваколатдор мушоҳида мегардад.

Риояи тартиби гузаронидани санҷишҳо талаботи қонун буда, мақсад аз санҷишҳо, пеш аз ҳама, пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳо ва дар ҳолати ошкор гардидани истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо ё худ пинҳонкунии андозҳо, барқарор кардан ва ба буҷет пардохт намудани маблағҳои ошкоршуда мебошад. Санҷишҳои соҳавӣ бояд аз ҷониби мақомоте гузаронида шаванд, ки барои гузаронидани чунин санҷиш ваколатдоранд.

Раиси ҷумҳури Тоҷикистон бо ёдоврӣ аз мавридҳои пинҳон кардани даромадҳои соҳибкорон аз мақомоти андоз ва гумрук бар зарари чунин корҳо ба буҷети давлатӣ ҳам таъкид кард.

Сардори давлат гуфт: "Тафтишу санҷишҳои молиявӣ ва чорабиниҳои фаврӣ-тафтишотӣ нишон медиҳанд, ки як қисми соҳибкорон талаботи қонунгузориро риоя накарда, ба амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла бо роҳи қочоқ ворид намудани молу маҳсулот, рӯйпӯш намудани андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ, изофанависии ҳаҷми корҳои таъмиру сохтмон аз ҳисоби маблағгузориҳои буҷетӣ, бо мақсади пинҳон кардани камбудиву норасоиҳои молиявӣ дуруст ба роҳ намондани муҳосибот даст мезананд ва ҳатто баъзе аз онҳо бо роҳи додани ришва мехоҳанд қонуншиканиҳои худро рӯйпӯш намоянд".

Ҳамзамон таъкид шуд, ки дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар давоми солҳои 2011-2014 ва 9 моҳи соли 2015 ба маблағи 231 миллион сомонӣ зарари молиявӣ аз ҳисоби камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ, изофанависии ҳаҷми корҳои сохтмон, талафи пулию молӣ аз бесаросомонӣ ва ҳолатҳои кам ҳисобӣ кардан ва рӯйпӯш намудани андозҳо ошкор шудаанд.

Дар форум намояндагони кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ҳам сухан карданд.

**МУАЗЗАМ МЕКАН, директори минтақавии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ:**

-Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ ҳамкории мутақобилан судмандро бо Ҳукумати Тоҷикистон дар бахши иқтисоду сармоягузорӣ тақвият бахшида, дар зарфи даҳ соли охир захираҳои молиявӣ ва донишҳои техникии худро барои беҳдошти вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон равона кардааст.

Ҳамкории КБМ бо Тоҷикистон ба рушди бахши хусусӣ, беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ, дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва рушди бахши кишоварзӣ мусоидат менамояд. Ҳоло портфели лоиҳаҳои Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон наздики 75 миллион долларро ташкил медиҳад, ки тақрибан нисфи ин нишондодҳоро маблағгузорӣ ба бозори молиявӣ гирифта, инчунин ба бахшҳои телекоммуникатсия, хӯроквории, савдои чакана ва соҳибкорӣ дар бахши кишоварзӣ -агробизнес равона гардидааст.



Мо рушди фарогир ва муҳайё сохтани ҷойҳои нави кориро дар Тоҷикистон дастгирӣ менамоем. Корпоратсияи мо барои Тоҷикистон шарики боэътимод маҳсуб шуда, стратегияи амалкунандаи шарикии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ барои солҳои 2015-2018 оид ба маблағгузориҳо ба бахши хусусӣ ва содирот, гузариш ба модели нави рушдро дастгирӣ менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои охир барои таъмини рушди бахши хусусӣ ислоҳотро ба роҳ мондааст. Соддаю осон гардонидани қоидаҳои идорасозии тиҷорат, ҳимояи сармоягузорон ва тақвияти бозори молиявӣ аз ҳамин қабиланд.

**ЯН ЧЖИ САЙ, роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Корхонаи саноати кӯҳии Тоҷикистону Чин":**

- "КСКТЧ" тайи 8 соли фаъолият ба яке аз ширкатҳои бузурги саноати кӯҳӣ, ки ба кори иктишофи геологӣ, истихроҷи маъдан, ғанигардонӣ ва фурӯши маҳсулот машғул аст то охири моҳи сентябри соли равон ба иқтисодиёти Тоҷикистон 211 миллион доллар сармоягузорӣ кард.

Ҳаҷми умумии маъдани аз ҷониби ин ширкат истихроҷшуда 4 миллиону 600 ҳазор тонна, маъдани коркардшуда беш аз 4 миллион тонна ва арзиши маҳсулоти фурӯхташуда 2,3 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Ширкат дар ин муддат зиёда аз 2 ҳазор ҷои кор таъсис дода, ба маблағи беш аз 440 миллион сомонӣ ба буҷети давлат ва маҳаллӣ андозҳоро пардохт кардааст. Алҳол иқтидори истеҳсолии ширкат 1 миллиону 500 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Инчунин соли равон ширкати мазкур сохтмони корхонаи нави ғанигардониро бо иқтидори 1 миллион тонна оғоз намуд, ки июни соли 2016 ба истифода дода мешавад.



Сохтмони ин корхона имконият медиҳад, ки иқтидори истеҳсолии солонаи ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Чин дар бахши истихроҷ ва ғанигардонии маъдан ба 2,5 миллион тонна расонида шавад.

Ҷамъияти мо тасмим гирифтааст, ки дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири соли равон ду корхонаи истеҳсоли маводи таркандаи эмулсиониро бунёд созад.

Яке аз ин корхонаҳо дар ноҳияи Данғара ва дигаре дар Минтақаи саноатии Тоҷикистону Чин, воқеъ дар вилояти Суғд бо ҳиссагузории 50% саҳми Тоҷикистон ва 50% саҳми сармоягузори чинӣ сохта мешаванд.

Агар то охири соли равон аз сохторҳои давлатӣ иҷозати зарурӣро дастрас намоем, тибқи ҳисобҳои пешакӣ мо имкон дорем дар давоми соли 2016 ин корхонаҳоро пурра мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем.

Дар доираи ҳамоиши байналмилалӣ бо мақсади тақвияти ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶДММ "Ширкати кӯҳии саноатии Тоҷикистону Чин" Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ дар мавриди сохтмони ду корхонаи истеҳсоли маводи таркандаи саноатӣ дар ноҳияи Данғара ва "Минтақаи саноатии Тоҷикистону Чин" ба имзо расондем.

**ПАВЕЛ ЛАВРОВ,**
**раҳбари ҶСК "Нерӯгоҳи Барқи обии Сангтӯда-1":**



НБО-и "Сангтӯда-1" аз бузургтарин тарҳи сармоягузории Русия дар маҳдудаи ҷомеаи кишварҳои мустақил мебошад. Барои иҷрои ин тарҳ кишвари мо 16 миллиард рубл сармоягузорӣ кардааст. Чархаи аввали нерӯгоҳ январи соли 2008 бо иштироки президентҳои Русия ва Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифт. Июли соли 2009 бошад бо иштироки мақомоти сатҳи олии ин кишварҳо ҳамаи чор агрегати он ба истифода дода шуд.

Нерӯгоҳ бо иқтидори 670 МВт аз ҷумлаи сегонаи бузурги НБОҳои Тоҷикистон буда ва қариб 12 фоизи барқи ин кишварро истеҳсол мекунад.

Мо ифтихор мекунем, ки бо вуҷуди баъзе мушкилоти пешомада дар чараёни кор нерӯгоҳ тайи беш аз ҳафт сол ба таври собит фаъолият карда, дар коҳиш додани сатҳи камбуди барқи кишвар саҳм гузорем.

То аввали октябри соли ҷорӣ он қариб 13 миллиарду 800 миллион кВт барқ истеҳсол кардааст. Тибқи нақша танҳо дар соли 2015 "Сангтӯда-1" бояд 1 миллиарду 915 миллион кВт барқ тавлид кунад. То ба имрӯз мо дар ҳаҷми беш аз 1 миллиарду 380 миллион сомонӣ нерӯи баркро дар ихтиёри ширкати "Барқи тоҷик" гузоштаем.

Бар асоси арзёбии мутахассисон ин нерӯгоҳ дар мавсими баҳору тобистон метавонад то 1,5 миллиард кВт барқ истеҳсол намояд. Аммо фурӯши муассири барқи тавлидшуда танҳо дар сурати мавриди истифода қарор гирифтани хатҳои баландшиддати интиқоли барқ ба хориҷ, ба монанди CASA-1000 мумкин хоҳад шуд.

Дар ширкати мо имрӯз 220 нафар кор мекунанд, ки аз онҳо 95 фоиз шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд. "Сангтӯда-1" намунаи равшани ҳамкориҳои стратегии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон буда омили муҳим ҷиҳати расидан ба истиқлоли энергетикии ин кишвар ба шумор меравад.

**МАСАРУ ХОНМА, директори минтақавии Бонки аврупоии навсозӣ ва рушд оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, ОСМАН КАЗДАЛ, роҳбари минтақавии ширкати "Кока Кола, ҲАНИ САЛЕМ СОНБОЛ, муовини роҳбари Корпоратсияи байналмилалии тиҷоратию молиявии исломии Гурӯҳи Бонки исломии рушд** ҳам дар ин ҳамоиш сухан гуфта, омодагии хешро барои саҳм гузоштан дар лоиҳаҳои сармоягузории Тоҷикистон изҳор кардаанд.

Дар доираи баргузории форуми мазкур аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин мизи мудаввар оид ба рушди соҳибкорӣ байни занон, Форуми байналмилалӣ оид ба рушди соҳибкорӣ миёни ҷавонон, Анҷумани байналмилалии иқтисодии "Иқтидори минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди минтақаҳо", конфронси минтақавии "Имкониятҳои туристии Тоҷикистон", суҳбату мизҳои мудаввар таҳти номи "Ҷойгоҳи бахши хусусӣ дар рушди соҳаи тандурустӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ" доир гардиданд.

Иштирокчиёни ин нишастҳо низ дар мавриди шароити муносиб барои муколамаи доираҳои тиҷоратӣ, баррасию дарёфти роҳҳои ҳалли муҳимтарин масоил ва мушкилоти иқтисодӣ, нагвониҳои фазои сармоягузории мамлакат, ба роҳ мондани ҳамкориҳои мустақими тиҷоратию иқтисодӣ байни соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ, таҳкими ҳамкории дарозмуддат ва банақшагирии фаъолияти муштарак табодули назар карданд.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

## *Президент ба соҳибкорон:*

# Ботавозӯъ ва оддӣ бошед

**Сарвари давлат гуфт:** - Бисёре аз соҳибкорони мо ҳамин, ки каме даромадашон беҳ шуд, аввалин коре мекунанд, мошини қимат мегиранд, то ки аз дигарон фарқ кунанд. Баъд як хонаи дакаданг месозанд. Одатҳои дигар ҳам пайдо мекунанд… Дар сафарҳоям ба хориҷа бо шахсиятҳои машҳуру доро, ки сармояҳояшон ба миллиардҳо доллар мерасад, дидору мулоқотҳо мекунам. Баъзеашон чунон оддӣ ҳастанд, ки ҳолашонро дида, агар кас надонад, ба сармоядор буданашон бовар намекунад. Шумо ҳам оддӣ ва бо тавозӯъ бошед. Медонам, ки барои ин марҳаларо гузаштан вақт лозим аст, ба ҳар ҳол, мағрур нашавед. Бештар дар фикри кори неку хайр шавед.

## АНДЕШАҲОИ ЧАНДЕ АЗ ШИРКАТКУНАНДАГОН

**Александр КОЗЛОВ,**
**раҳбари анҷумани тоҷикистониёни Русия дар Чувашистон:**



-Ҳоло тоҷикистониёни хориҷ аз кишвар имкон доранд, ки бахше аз сармояҳои худро ба Тоҷикистон оранд ва дар ин ҷо корхонаҳо бунёд кунанд.

Даъвати соҳибкорони тоҷики муқими Русия барои ширкат дар пешрафти иқтисоди Тоҷикистон дар доираи иҷрои Консепсияи ҷалби ҳамватанон ба барномаҳои рушди иқтисоди кишвар сурат гирифта, форуме, ки баргузор шуд, майдони муносиб барои ошноӣ бо шароити сармоягузорӣ ва баррасии масоили мавриди баҳс буд. Ин хуб аст, ки сафорати Тоҷикистон дар шаҳрҳои гуногуни Русия бо воҳӯрию мулоқот ташкил мекунад.

Пас аз фурӯпошии низоми Шӯравӣ шумораи зиёди ҳамватанон ба Русия ва кишварҳои дигар кӯч бастанд ва ҳоло онҳо, масалан дар Русия, бизнеси худро боз кардаанд ва бо соҳибкорӣ машғуланд. Дар давоми ин солҳо онҳо на танҳо соҳибкори муваффақ шуданд, балки бо ватани худ Тоҷикистон робитаҳои тиҷоратӣ худро баркарор кардаанд. Дар ҷамъияти мо ҳам шахсоне ҳастанд, ки метавонанд дар иқтисоди Тоҷикистон сармоягузорӣ кунанд. Вале баъзе саволҳое ҳастанд, ки хоҳишмандон пеш аз ворид кардани сармояи худ бояд ба онҳо посухи дақику бозътимод бигиранд.

**Сурайё УРОҚОВА,**
**директори генералии ширкати сохтмонии Риэл-Д:**

- Ширкати мо аз соли 2005 ҳамчун субъекти соҳибкорӣ дар самти сохтмони биноҳои истиқоматӣ баландошёна фаъолият мекунад. Дар муддати фаъолияти худ аллакай чор лоиҳаро бо сохтмони хонаҳои истиқоматӣ муваффақона амалӣ намудаем. Ҳоло ширкат бинои истиқоматии 14-ошёнаро дар маҳаллаи Зарнисори Душанбе бунёд намуда, ният дорад рӯзҳои наздик онро ба истифода диҳад.

Иқтисоди бозоргонӣ аз ҳамбастагии мақомоти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ сарчашма мегирад: Мо, соҳибкорон як қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошем. Бо ташаббуси Сарвари давлат эълон шудани Рӯзи соҳибкор ва дар доираи таҷлили нахустин солгарди ин сана баргузор шудани Форуми байналмилалии соҳибкорони Душанбе-2015, албатта, боиси хурсандӣ аст.

Бо назардошти он ки дар рушди саноату сохтмони миллӣ ва бо тиҷорату бозаргонӣ саҳми соҳибкорони ватанӣ рӯз то рӯз, сол то сол бештару беҳтар шуда истодааст, таваҷҷуҳи



роҳбарияти мамлакат ба соҳибкорон нишонаи арҷ гузоштан ба ин қишри фаъоли ҷомеа мебошад.

10-15 сол пеш маҳсулоти сохтмонӣ аз хориҷа ворид мешуданд. Хушбахтона, имрӯз тамоми маҳсулоти барои сохтмон зарурӣ аз оҳан гирифта, то ба сементу хишт маҳсулоти истеҳсоли ширкатҳои ватанӣ мебошад. Бо итминон гуфта метавонам, ки сифати ин маҳсулот на кам аз сифати маҳсулоте мебошад, ки аз хориҷа ба Тоҷикистон ворид мешавад.

**Шокир СОБИРОВ,**
**раиси Ассотсиатсияи "Тоҷиктабакинтернейшнл":**

- Ширкати мо ҳам дар соҳаи кишоварзӣ-саноатӣ ва ҳам дар бахши сохтмони хонаҳои истиқоматӣ фаъолият мекунад. Форуми соҳибкорон имкони хуберо барои гуфтугӯ ва ошноӣ бо таҷрибаи дигар соҳибкорони хориҷию дохилӣ фароҳам овард.

Ассотсиатсияи мо дар ҳудуди шаҳри Панҷакент фаъолият мекунад ва он якчанд хоҷагиҳои деҳқонӣ, инчунин корхонаи коркарди тамокуи шаҳри Панҷакентро муттаҳид сохтааст. Солҳои 80-90-уми асри гузашта соҳаи тамокупарварӣ дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент ба авҷи аълои тараққиёт расида буд. Бо барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва канда шудани риштаҳои иқтисодӣ миёни ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ соҳаи тамокупарварӣ дар кишварамон рӯ ба таназзул ниҳод. Мо аз қарори роҳбарияти мамлакат барои эҳёи соҳаи тамокупарварӣ хурсанд шудем ва Ассотсиатсияи "Тоҷиктабакинтернейшнл"-ро таъсис додем, то ин ки сокинони диёри худро бо ҷойҳои корӣ таъмин намоем. Вақте ба кор оғоз кардем, дар Панҷакент ҳамагӣ дар 5-10 гектар тамоку кишту парвариш мешуд. Дар давоми 3 соли охир истеҳсоли он солона то 200-250 тонна афзоиш ёфт. Майдони кишти тамоку то ба 100 гектар зиёд карда шуд. Дар ассотсиатсия ҳоло зиёда аз 30 нафар бо кори доимӣ фаро гирифта шудаанд. Баъд аз ҷамъоварии ҳосил тамокуро дар корхонаи Панҷакент кор карда, ба корхонаҳои Русия, ки бо онҳо шартнома дорем, пешкаш мекунем.

Соҳибкорон саҳми арзандаи худро дар пур кардани буҷаи маҳал, рушди бомайлони саноату сохтмони миллӣ мегузоранд. Мо низ дар қатори дигар соҳибкорони маҳаллӣ кӯшиш мекунем, ки дар ободиву шукуфоии сарзамини худ саҳми арзанда дошта бошем. Дар ҷараёни фаъолият баъзе баҳсҳо бо шарикони тиҷоратӣ пайдо мешаванд. Ман ҳамчун соҳибкор ҳаминро мехоҳам гӯям, ки чунин баҳсҳо бояд аз тарафи мақомоти судии босалоҳияти мамлакат сари вақт ва дар муддати кӯтоҳ баррасӣ шуда, ҳалли худро ёбанд.





**Афзоиши маълумоти оморӣ дар мавриди вайрон шудани оилаҳо ва бекор кардани ақди никоҳ имрӯз яке аз масъалаҳоест, ки на танҳо мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва мақомоти судиро ба ташвиш овардааст, балки боиси нигаронии аҳли ҷомеа гаштааст. Бо хотири пешгирии ин ҳолати ногувор ва оқибатҳои он соли 2015 Соли оила эълон шудааст, то диққати аҳли ҷомеаро ба ин масъала ва тадбирҷӯиҳо дар ин самт равона шавад. Ҳамагон хуб медонанд, ки яке аз омилҳои асосии вайроншавии оилаҳои ҷавон ин ба ҳаёти мустақилона омода набудани навхонадорон аст.**

# ФУРӮПОШИИ ОИЛАҲОИ ҶАВОНРО ПЕШГИРӢ КУНЕМ

**ВОЛИДОНИ** чунин духтарон никоҳи фарзандашонро танҳо бо хондани хутбаи никоҳ, вале бе қайди дахлдор дар мақомоти САҲШ гӯё "расмӣ" мекунанд. Бо ҳамин мехоҳанд гуноҳашонро аз чашми мақомоти марбута дар мавриди ба шавҳар додани духтари ҳоло ба синни никоҳӣ нарасидаашон рӯпӯш намоянд. Дар ин масъала бояд маҳз модарон андеша дошта бошанд, зеро зан ҳастанд. Онҳо аллакай таҷрибаи зиндагӣ доранд, бояд ҳамчун зан аз душвориҳои ҳаёти оиладорӣ хуб огоҳ бошанд. Бояд ба инобат бигиранд, ки духтари ноболиғи онҳо ҳам ҷисману ҳам рӯҳан барои оиладорӣ омода нест. Сониян, чунин волидон гумон доранд, ки онҳо соҳиби духтаранду тақдири духтарашон низ дар дасти худашон аст. Вале тибқи муқаррароти қонунгузорӣ дар ҳолати ба шавҳар додани духтароне, ки ба синни никоҳӣ нарасидаанд, волидони онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҳангоми омода набудан ба зиндагии мустақилона барои духтарон мушкилоти зиёд пеш меояд: бо хонадони шавҳар муоширату муносибати худро ба роҳ монда наметавонад, душворӣ ва камбудиҳои рӯзгор, инчунин дахолати волидони шавҳарро таҳаммул карда наметавонанд.

Маъмулан дар солҳои аввали оиладории ҷавонон ва аксаран баъди соҳиби як ё ду фарзанд шудан мушкилиҳои рӯзгор бештар мешаванд. Ва аксаран дар ҳамин давра миёни зану шавҳар муноқишаҳои оилавӣ сар мезананд. Гоҳо дахолати беҳудаву беҳудаи волидон ва хӯрдагириҳои онҳо нисбат ба арӯси хонадон ба оташи моҷароҳои оилавии ҷавонон равған мерезад. Мутаассифона, ин ҳолат оқибат ба пошхӯрии оилаҳои ҷавон бурда мерасонад.

Боитминон метавон гуфт, ки ба ноустувор шудани чунин оилаҳо мо -атрофиён низ гунаҳкорем. Бояд, ки нисбат ба тақдиру роҳу равиши оилаҳои ҷавон ва фарзандони ноболиғи онҳо, тақдири минбаъдаи онҳо бетафовут набошем. Бахусус, волидон дар ин мавридҳо нақши калидӣ доранд: бо қиёс ба зиндагии гузаштаи худ фарзандонашонро ба сабру таҳаммул даъват намоянд, бо панду насиҳат ба роҳи дуруст ҳидоят ва дар ҳолати зарурӣ бо қадри имкон аз ҷиҳати молӣ дастгирӣ кунанд, то вайроншавии оилаҳои ҷавонро ҷилавгирӣ намоянд.

Ҷавонон бояд донанд, ки зиндагӣ ҳамеша дар пай пастиву баландӣ, шодкомиву нокомӣ, шириниву талхӣ дорад. Дар бисёр мавридҳо равиши зиндагӣ, бароҳмонии тартиби зиндагонӣ аз худи онҳо вобаста аст. Шукри он, ки имрӯз давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар рукни давлатдорӣ ва қонунгузориҳо уствор аст. Қонунгузориҳои кишвар бошад, ҳамеша аз ҳаққу ҳуқуқҳои шаҳрвандон дифоъ мекунанд. Бо баҳонаҳои ночиз, аз қабили мунақишаҳои оилавӣ набояд аз зиндагӣ дасту дил шуст. Дар ҳама ҳолат рисолати падариву модарӣ ва хотири фарзандони маъсум бояд қалбу иродаи зану шавҳарро устувор нигаҳ дорад. Бекор кардани ақди никоҳ, рӯй овардан ба маҳрумиятҳо, ба сари фарзандони маъсум бор кардани қисмати талхи бепадарӣ ва ё бемодарӣ ҳалли муаммо ва воситаи охирини раҳоӣ аз мушкилоти зиндагӣ нест.

**Лайло РАҶАБОВА,**
*мудири бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шаҳри Турсунзода*

**Андеша**

# ХУДШИНОСӢ ЧИСТ ВА ХУДНОШИНОС КИСТ?

**Аз як ташкилот занг зада хоҳиш карданд, ки дар чорабиниашон оид ба мавзӯи худшиносӣ ширкат варзам. Розӣ шудам. Вале, баъди чанд лаҳза ҳисси кунҷкобиам боло гирифту ба кӯчаҳои шаҳр баромадам ва тақрибан дар ҳар сад қадам аз одамони пешомада хоҳиш намудам, ки андешаашонро оид ба худшиносӣ бигӯянд. Дар роҳи Қӯрғонтеппа - Душанбе аз ҳамсафарон ва дар маркази ноҳияҳои Хуросону Рӯдакӣ аз роҳравон ҳам ҳамин хоҳишро кардам.**

**ШУМОРАИ** умумии пурсида шудагон 43 нафарро ташкил дод, синнашон аз 20 то 52-сола буд. Ҳамаи онҳо танҳо донистани миллат, ному насаби худ, рӯзу моҳ ва соли таваллуд, ҳамчунин донистани номи волидайнро худшиносӣ гуфтанд. Аз инҳо фақат як нафар ҷавони 28-сола маънидод кард, ки донистани бобою бибиҳо ва бобокалону бибикалонҳо ҳам худшиносӣ аст. Аммо на ба он маъное, ки танҳо ному насабашонро донем, балки ба он маъно, ки онҳо дар замони худ чӣ нақше доштаанду барои ояндагон чӣ боқӣ гузоштаанд.

Ҷавоби пурсидашудагон хурсандам накард. Вале, шубҳаамро ба вуҷуд овард: "Наход аз 43 нафар, ақаллан як нафар ҷавоби саҳеҳ дода натавонад? Шояд фаҳмиши худам нодуруст аст? Шояд ин мафҳумҳоро худам ғалат мефаҳмам?" Ин андеша саволҳои дигарро дар мағзам қатор намуд: Умуман "худшиносӣ" ва "худношиносӣ" чист ва зери ин мафҳумҳо мо чиро бояд фаҳмем? Шахси худшинос чӣ гуна бояд бошаду шахси худношинос чӣ гуна? Байни ин ду нафар чӣ фарқиятҳо мавҷуд бояд бошанд?

Ҳамин андешаҳо дар сар омадам ба он чорабинӣ. Вале аз гуфтаҳои иштирокчиёнаш қаноатбахш нашудам. Зеро бештарашон дар бораи оқибатҳои нангини худношиносӣ гуфтанд, гила карданду эрод гирифтанд, ки одамон, алалхусус ҷавонон худшинос нестанд. Аммо, ҳеҷ кас шарҳу эзоҳ надод, ки "худшиносӣ" ё "худношиносӣ" чӣ аст.

Аз раванди чорабинӣ ба хулоса омадам, ки ҷавобҳои носаҳеҳи он 43 нафар аз рӯйи тамоман кундзеҳниашон, нодонию нофаҳмиашон нест, балки аз он аст, ки онҳо ба маънию мантиқи ин мафҳумҳо сарфаҳм намераванд, зеро ин чизҳоро ба эшон касе нафаҳмондааст, нагуфтааст, таълим надодааст.

Инак, чӣ гуна шахс худшиносу чӣ гуна шахс худношинос аст? Шахси худшинос, пеш аз ҳама худро эҳтиром мекунад. Қадру қимат ва мақому манзалати худро медонад. Ҳунару дониш ва таъриху фарҳанги халқу миллаташро меомӯзад. Урфу одату расму оини аҷдодиашро аз бар мекунад ва беҳтарини онҳоро қабул намуда, арҷ мегузорад, дар ҳаёти худ истифода бурда, ҳатто ривоҷ медиҳад. Донистани ана ҳамин чизҳо яке аз зинаҳои аввали худшиносӣ аст ва воситае мегардад, ки дигарон ӯро бишносанду эҳтиром кунанд. Фарде, ки ин зинаро нагузаштааст, то андозае худшинос шуда наметавонад. Зеро зинаҳои дигари худшиносӣ маҳз аз ҳамин ҷо оғоз меёбанд. Масалан, зинаи ифтихор аз Ватан ва дӯстдории Ватан, ки аз донистани ана ҳамон таъриху фарҳанги халқу миллат, урфу одату расму оини аҷдодӣ, дуруст истифодабарию арҷгузорӣ ва равнақдиҳии онҳо сарчашма мегирад.

Ҳофизи бузург фармудааст: "Ҳар он ки беҳунар афтад, назар



ба айб кунад". Шахси худношинос айбҷӯ, бахил, гапчин, тарсу, беҷуръат, бенангу номус, беиродa мешавад. Шахси худношинос нисбат ба ҷамъият, Ватан, халқу миллат бетафовут аст. Вай ҳамеша масъулиятро ба гардани дигарон бор мекунад. Ӯ намедонад, ки аз куҷо омадаасту ба куҷо меравад. Намедонад, ки рисолати омаданаш чист? Аз он ки маҳз одам офарида шудааст, шукрона намекунад. Рисолати одам офарида шуданашро намедонад. Шахси худношинос тавре ки бояд аз худ огоҳӣ надорад. Қудрату қобилият, донишу малака, ҷасорату маҳорати худро намедонад. Дуруст сарфаҳм намеравад, ки дар ҷомеа чӣ нақше дорад ва ё дошта метавонад.

Ба одамоне, ки чунин сифатҳоро дороянд, эътимод карданy аз онҳо амалҳои некро интизор шудан саҳеҳ нест. Зеро чунин одамон дар аксар маврид носипосӣ мекунанд, намак хӯрда намакдонро мешикананд.

Худношиносӣ, садди муруввату раҳму шафқат аст, роҳ ба ҷаҳолат, ба қабоҳат, ба касорат ва хиёнат аст. Шахси худношинос ҳаргиз шамъе намешавад, ки "Худ бисӯзад, то базми дигарон афрӯзад".

Теғ ба ҷисми Ватани хеш кашидан, амалҳои иғвоангезию ифротгароӣ доштан, ҳамроҳгардӣ ба гурӯҳои моҷароҷӯ, ин пеш аз ҳама аз худношиносӣ сар мезанад.

Чӣ бояд кард, ки одамон дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия ёбанду ба камол расанд? Дар ин маврид он чизеро, мегӯям, ки маҷозан гаҳвораи худшиносӣ номидан мумкин аст: Инсон аслан иборат аст аз тан ва рӯҳ. Бино ба гуфтаи донишмандон тақрибан аз 5 як ҳиссаи мавҷудияти инсонро рӯҳ ташкил мекунад. Ҳам тан ва ҳам рӯҳ парвариш мехоҳанд. Лекин, парвариши рӯҳ муҳимтар аст нисбат ба парвариши тан.

Барои хуб парвариш ёфтани рӯҳ чӣ бояд кард? Пеш аз ҳама зикри Худо, андешаи ростию росткорӣ, омӯзиши илму маърифат, дар сайру саёҳат будан, неку бадро санҷидану донистан, хондан, дидан, саъю талош варзидан ва монанди инҳо. Аммо афсӯс, ки дар мо на ҳамеша чунин аст, махсусан дар мавриди хондан. Бино ба маълумоте, ки дастрас шудааст, дар Аврупо бо ҳисоби миёна 1 нафар дар як сол 35 китоб мехонад. Дар Шарқ бошад, дар як сол 80 нафар як китоб мутолиа мекунанд. Оё инро парвариши рӯҳ гуфтан мумкин аст? Оё ин вазъият дар ҷумҳурии худамон беҳтар аст? Хуб мебуд, агар бо ҳисоби миёна ақаллан 10 нафар ҳамватанон дар як сол як китоб бихонанд. Дар хусуси ба театр нарафтан бошад, гап намеёбам. Ҳол он ки маҳз китобу театр дар шумули дастрастарин ва асоситарин манбаъҳои худшиносӣ мебошанд. Шояд маҳз ба ҳамин хотир Русияи подшоҳӣ дар қатори аввалин корҳое, ки дар Туркистон ва Бухоро кардааст, ин кушодани театр будааст. Дар омади гап таъкид мекунам, ки дар Самарқанд театри аввалинро "ибратхона" мегуфтаанд. Аҷоиб номи мувофиқу часпанда ва мантиқие!

Барои он ки одамон дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия ёбанду ба камол расанд, пеш аз ҳама кори тарбияи оилавиро қавӣ кардан лозим аст. Ба фоидаи кор мешавад, агар давлат дар ин масъала ба оилаҳо кумакҳои моддӣ расонад, алалхусус дар босаводгардонии модарон. Баъдан ба кори таълиму тарбия дар мактабҳо ҷиддӣ муносибат кардан лозим аст. Дар навбати аввал бояд нақши омӯзгор, обрӯи ӯ дар ҷомеа баланд бардошта шавад. Он гоҳ омӯзгорони донишманду пуртаҷриба ба мактабҳо меоянд ва бо дили гарму шавқи баланд фаъолият мекунанд. Пасон, роҳу усулеро ёфтан лозим аст, ки мардум, алалхусус ҷавонон, рӯ ба китоб биёранд. Барои ин хуб мешавад, ки чун дар солҳои Шӯравӣ роҳбарони ташкилоту муассисаҳо дар ин ҷабҳа ҳам масъулият дошта бошанд.

**Ҳасан Юсуфи ФАЙЗБАХШ**

# Аз як замин се ҳосил

## ё олимони тоҷик картошкаи серйодро истеҳсол карданд

**Комиссияи давлатии навъсанҷии зироатҳои кишоварзии Вазорати кишоварзии Тоҷикистон аввали соли равон натиҷаи корҳои селексионии даҳсолаи олимони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи илмҳоро дар ҳамкорӣ бо олимони Академияи илмҳои кишоварзӣ ва Донишгоҳи аграрӣ ҷамъбаст намуда, навъи нави картошкаи "Тоҷикистон"-ро дар мамлакат ноҳиябандӣ кард.**







Ин навъи нави картошка дар натиҷаи ҳамкориҳои олимони тоҷик бо олимону мутахассисони Маркази умумиҷаҳонии картошка (Перу) ба даст оварда шуд ва натиҷаҳои илмию истеҳсолии он нишон дод, ки ин навъ ҳам дар шароити ноҳияҳои кӯҳӣ ва ҳам дар шароити водиҳои ҷумҳурӣ ҳосили дилхоҳро таъмин менамояд. Навъи "Тоҷикистон" дар муддати солҳои 2005-2014 аз санҷиш ба хубӣ гузашт. Олимон ин навъро дар асоси омезиши усулҳои селексияи анъанавӣ ва биотехнологияи муосир ва дар шароитҳои гуногун парвариш карданд.

Кишти навъи нави картошка дар шароитҳои гуногун нишон дод, ки дар таркиби лӯндаҳои он молекулаҳои оҳани се валента нисбати дигар навъҳои картошка зиёд мебошад, ки ин барои пешгирӣ намудани камхунӣ дар организми инсон мусоидат менамояд. Имсол дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои Ҷиргатол, Рашт, Тоҷикобод Файзобод, Кӯҳистони Мастчоҳ навъҳои нави картошкаҳои "Тоҷикистон", "Файзобод", "Рашт" ва "Академияи илмҳо-1" дар майдони бештар аз 750 гектар кишт гардид, ки ҳосилнокӣ аз ин навъҳо 30-35 тонна аз ҳар гектар буд. Махсусан, навъи картошкаи "Тоҷикистон", нисбат ба дигар навъҳо ба касалиҳо ва камобӣ тобовар баромад. Кишти тухмии ин навъ инчунин дар кишти тобистона (дар моҳи август) низ ҳосили бештар аз 25-28 тоннаро таъмин менамояд.

Ҳоло олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба даст овардани навъи нави картошка, ки дар таркибаш йоди бештар дорад, тадқиқотро давом медиҳанд. Чунин маводи ғизоӣ метавонад одамонро аз касалии ҷоғар эмин гардонад.

Дастоварди дигари амалие, ки дар соли равон аз тарафи Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шуд, аз як майдон рӯёнидани ҳосили се зироат - топинамбур, офтобпараст ва ҷуворимакка мебошад. Ҳосилнокии зироатҳои омехта киштшаванда аз як гектар дар шароити ҷамоати деҳоти "Гулистон"-и ноҳияи Рӯдакӣ ба 2000 сентнер баробар шуд. Ин таҷрибаи нодир дар оянда метавонад дар ба даст овардани маводи ғизоӣ маҳсулоти чорво, доруворӣ, сӯзишворӣ ва гази биологӣ кӯмаки калони иқтисодӣ расонад. Олимони тоҷик ҳоло ба омӯзиши ҳаматарафаи парвариш ва истифодабарии маҳсулоти зироати топинамбур сару кор доранд. Махсусан, тадқиқоти олимон дар бахши ду-се маротиба дарав намудани баргу пояи сабзи топинамбурро дар шароити Кооперативи тиҷоратии ба номи Латиф Муродови ноҳияи Ҳисор мавриди омӯзиш қарор дода, натиҷаҳои назаррасро ба даст оварданд. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар сурати топинамбурро дар аввали моҳи март кишт намудан, метавон баргу пояи сабзи он дар моҳҳои июн, июл ва аввали моҳи август ба чорвои ширдеҳ хӯронд. Аз чунин хӯроки серғизо маҳсулнокии говҳои ширдеҳ ба миқдори 20-25% афзиш меёбанд. Дар ин хоҷагӣ маълум гардид, ки аз як гектар ба миқдори 1500 сентнер баргу пояи сабз (дар сурати се маротиба дарав намудани баргу поя) ва то 300 сентнер лӯндаҳои топинамбурро ҳамчун маводи ғизоӣ, хӯроки чорво ва маводи табобатӣ аз касалии диабети қанд ба даст овардан мумкин аст. Дар айни ҳол олимони Марказ аз дигар мамлакатҳо бештар аз 20 навъу намудҳои топинамбурро ҷамъ оварда, онҳоро дар шароитҳои гуногун омӯхта истодаанд. Имсол олимон ба Комиссияи навъсанҷии навъҳои зироатҳои кишоварзии Вазорати кишоварзии навъи нави тоҷикии "Сарват"-ро пешниҳод намуданд, ки он дар қитъаҳои навъсанҷӣ ҳоло омӯхта мешавад. Олимони тоҷик аз баргу поя ва бехмеваҳои топинамбур усулҳои гуногуни коркарди 30 номгӯи ғизо, 7 номгӯи маҳсулоти нонӣ, 10 номгӯй нӯшокиҳо ва 14 номгӯи хуришҳои тару тоза пешниҳод менамоянд. Мутахассисони Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба истеҳсоли доруворӣ ва маводи табобатӣ аз топинамбур бахри пешгирӣ намудани диабети қанд корҳои илмиро васеъ оғоз намудаанд. Олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон истифодаи топинамбурро ба ҳайси ғизо барои парвариши моҳиҳо омӯхта, исбот намуданд, ки ғизои топинамбурӣ афзоиши моҳиро равнақ дода, вазнгирии онҳоро нисбат ба истифодаи ғизои муқаррарӣ ду-се маротиба афзун мегардонад. Дар сурати дар амал татбиқ гардидани дастовардҳои олимон ҳосили дилхоҳ ҳам ба даст омада истиқлолияти озуқаворӣ таъмин мегардад.


*Киштзори омехтаи топинамбур, офтобпараст ва ҷуворимакка дар ноҳияи Рӯдакӣ.*

**Қурбоналӣ ПАРТОЕВ,**
*доктори илмҳои кишоварзӣ*

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

***Ҷамоати деҳоти Султонободи ноҳияи Рӯдакӣ яке аз минтақаҳои зебоманзари хушбоду ҳавои ноҳия ба шумор меравад. Мардуми ин ҷо асосан ба зироаткорию чорводорӣ машғул гашта, аз файзу баракати талу теппаҳои ҳосилхез лаззати зиндагонӣ мечашанд.***

# Султонобод:
# 53 ГЕКТАР БОҒИ НАВ



*8 январи соли равон Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҷамоати деҳоти Султонобод ташриф оварда, барои дар майдони 53 гектар бунёд кардани боғи нав дар як гӯшаи хушбоду ҳавои мувофиқ замина гузошт.*

*Бо пешниҳоди Президенти кишвар ва тавсияи олимони соҳаи боғдорӣ аз ҳамон рӯз сар карда беш аз 12 ҳазор бех ниҳолҳои мевадиҳанда, аз қабили себу зардолу, гелосу олуча, бодому нок, дӯлонаю чормағз шинонида шуд. Ҳангоми баргузории ҳашари ниҳолшинонӣ, ки дар рӯзи басо офтобию мувофиқ доир гардида буд, ҳама бо як овоз пешниҳоди Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибодорӣ намуда, боғи навбунёди онрӯзаро боғи "20- солагии Конститутсия" номугузорӣ намуданд.*

*Майдони боғзор бо сифати аъло шудгор карда шуда буд ва дар асоси риояи талаботи шинонидани ниҳол чуқурии ниҳолҳо кофта шуда буданд. Шинонидани ниҳолҳо бо иштироки тамоми хоҷагидорони ноҳияи Рӯдакӣ ва меҳмонон дар сатҳи баланд ва боварибахш сурат гирифт.*

*Инак, қариб 10 моҳ сипарӣ гардид ва боғи "20 -солагии Конститутсия" дар кадом ҳолат қарор дорад. Ҳангоми боздид аз боғи номбурда маълум гардид, ки воқеан шахсони мутасаддӣ бо масъулияти баланд заҳмат кашидаанд ва бо гармиҳои тобистони имсола нигоҳ накарда, тариқи дастӣ ба ҳамаи ниҳолҳо об дода, нагузоштаанд, ки ниҳолҳо хушк шаванд. Дар байни қатори ниҳолҳо обчакорӣ, аз қабили тарбузу харбуза ва нахӯду кунҷит кишт карда, ҳосили хуб ҳам ба даст овардаанд.*

*Тавре аз суҳбат бо яке аз мутахассисони хоҷагидорию боғпарварӣ Абдуҷаббор Саъдуллоев маълум гардид, бо заҳмати шабонарӯзӣ тавонистаанд сазовори боварии Сардори давлат гардида, нашъунамои ниҳолҳоро таъмин намоянд.*

*Тавре ҳамсуҳбатамон қайд мекунад: - Мардуми Султонобод бовар доштанд, ки аз уҳдаи кор баромада метавонанд ва имрӯз шоҳиди он гаштем, ки ниҳолҳо нашъунамои хуб доранд. Хоҷагидорию боғдорӣ ва чорвопарварӣ бо ҳам алоқаи наздик дошта, дар зиндагӣ шуғли асосии ман ва фарзандонам ҳамин мебошад. Боғ бунёд шуда истодааст. Дар соҳаи чорводорӣ бошад, аз ҳисоби модаговҳои зотии ширдеҳ ҳар пагоҳӣ омада 80 литрӣ ширро хӯдашон мехаранд. Ин соҳаро ҳам ривоҷ додан лозим. Шароит ҳаст. Вале танҳо заминҳои иловагии чарогоҳ лозим, ки бо дастгирии раиси ноҳияи Рӯдакӣ ин мушкилӣ бартараф мешавад.*

*Албатта мушкил буд. Об лозим шуд. Чашмасорони Султонобод ба ниҳолакон ҷони дубора бахшиданд, - гӯён моро ба самти як чуқурии калон даъват намуд.*

*Ҳайрон ҳам шудем. Кас бовар намекунад, ки дар он талу теппаҳои баланд баъди кандани 4-6 метр чуқурӣ об мебарояд. Тавре дар акс аён аст, бо чашми худ ҳаминро дидем. Дар чуқурии дигаре, ки тақрибан 10-12 метр кофтагӣ буд, бо қубурҳои бетонӣ ҳалқабандӣ карда, тариқи қубури резинии ҳаҷмаш тақрибан 30-35 мм оби нӯшокиро кашида баровардаанд. Аз ҳамон оби болаззат нӯши ҷон карда, ҳангоми тариқи насоси барқӣ обро кашида ба мошини обкаш захира карда ба ниҳолҳо бурданашонро ҳам дида, бовар кардем, ки ҳақиқатан мардуми деҳаҳои гирду атроф аз набудани оби нӯшокӣ душворӣ намекашанд. Дар суҳбат бо дигар боғдорон Абдулло Исоев масъули 7 гектар боғ Сироҷиддин Яқубов ва Эмомалӣ Олимов, ки як гектарӣ боғ доранд, маълум шуд, ки 93-95 фоизи ниҳолҳо дар нашъунамо мебошанд ва боварӣ доранд, ки баъди як-ду сол меваи дарахтонашонро пешкаши мардум мегардонанд. Барномаи ривоҷ додани соҳаи боғдорӣ ва бунёд намудани боғҳои нав аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсоли меваро аз ин ҳам зиёд гардонида, содироти онро ба дигар кишварҳо зиёд намоем.*

**Эгамназар НАЗАРОВ,**
*рӯзноманигор*

Минбари халқ
21 октябри соли 2015,
№43 (1022)




# Аз пластик эҳтиёт шавем

**Аз назди фурӯшгоҳи марказии шаҳри Хуҷанд - "Авасто" гузашта истода ҷавони рустаборро дидам, ки ду халтаи пур аз баклашкаро бардошта мерафт. Инҳоро чӣ кор мекунӣ?- пурсидам аз ӯ. Ба бозор мебарам, - ҷавоб дод. Чандпулӣ мефурӯшӣ? Ба ҳар кадоме 35 дирамӣ. Чӣ хел? Ман аз дигарон пурсидам,онҳо "аз 5 то15 дирам мефурӯшам" гуфтанд-ку? "Ман фақат баклашкаҳои тозаро ҷамъ мекунам",- гуфт дар ҷавоб ва ба халтаҳо ишора кард.**

Дар замони муосир "пластик" дар канори ибораи "масолеҳи пластикӣ" ҷузъе аз зиндагиамонро фаро гирифта, олами моро дар тасарруфи хеш қарор додааст: "зарфҳои пластикӣ", "дару тирезаҳои пластикӣ", "мизу курсиҳои пластикӣ", "аксҳои пластикӣ", "меваҳои пластикӣ", "корти пластикӣ" ва садҳо "пластикӣ"-и дигар имрӯз сари ҳар қадам шунида ва дида мешаванд. Қаблан тасаввур намекардем, ки метавон дар зарфҳои ба истилоҳ "пластикӣ" оби гарм андохт, вале имрӯз дар чойникҳои пластикӣ чой меҷӯшонем. Қошуқу чангаку пиёлаву коса, сатилу ҷорӯбу табақу табақчаҳо, қандкашаку мураббогирак ва ҳатто қайчиву корди ошхона, дастархони мо низ имрӯз аз пластиканд. Тамоми бозичаҳои кӯдакон аз зочаву мошинчаҳо то велосипед ва чарххои он пластикист. Бо он ки лӯлаҳои обгузари хонаамонро пластикӣ кардем, хонаамон низ сар гирифта, аз соати деворӣ то хоначаҳои пластикии боғчаҳои бачагона пластикӣ мешавад. Писарам аз бозор барои худаш сарипойӣ харидааст, ки аз пластики шаффофи чинӣ иборат аст, сумкаи мактабию ҷадвал ва қаламу қаламдону қаламтарошаш низ. Мегӯяд, ки тахтаи синфашон якҷоя бо бӯру латтаи тахтатозакунӣ, мизу курсӣ ва фаршу арши синфашон низ пластикист. Рӯбандаи коргоҳи мо низ бо ҷорӯб, хокпарто, сатил ва фаршпоккуни пластикӣ "мусаллаҳ" аст. Хулоса, ба ҳар ҷо нигарем, моро пластик иҳота кардааст. Замоне олимон аз бетонӣ шудани олам ҳарос доштанд ва аз бетонӣ шудани дару девору лаби маъшуқаву... шикоят мекарданд. Агар ҳамин минвол рафтан гирад, оҳистаоҳиста одамон низ пластикӣ мешаванд: салому ҳолпурсиҳо пластикӣ, андешаву хандаву гиряҳо пластикӣ, муносибатҳо пластикӣ. Ана, баъд олами атмосфера номашро ба "пластисфера" табдил хоҳад кард.

Як ҳолати нигаронкунанда он аст, ки имрӯз дар аксари манотиқе, ки барои партофтани зарфҳои пластикӣ муқаррар шудааст, нафареро мебинам, ки дар даст халта масолеҳи пластик - баклашка ҷамъ мекунад: даҳони онро кушода бӯй мекунад, агар дар зераш пасмондаи об ва ё ягон хел моеъ бошад, ба замин мерезад ва даҳонашро маҳкам карда ба даруни халта меандозад. Ин ҳолат маро ба тааҷҷуб меварад, ӯ ин қадар баклашкаро чӣ кор мекарда бошад? "Мефурӯшам, ба ивази ҳар кадомаш аз равғанфурӯшони бозор 10 дирам мегирам" - мегӯяд ӯ. Баъд мардеро мебинам, ки ҳар субҳ аз зери биноҳои истиқоматӣ гузашта "шир!, қаймоқ!, қатиқ!" - гӯён фарёд мекунад. Ӯ низ ба ин партовҷо наздик шуда, бо як сари чӯб партофтаҳоро тит мекунад ва бакалашка меғундорад. Ӯ низ бодиққат ба даруни баклашка нигариста, онро бӯй мекунад, чизи дохилашро рехта, ба бордонаш меандозад. "Инҳоро чӣ кор мекунед?"-мепурсам аз ӯ. Аввал камтар парешонҳол мешавад, вале маро шинохта, "Э, муаллим шумо-мӣ? Зиндагӣ-дия, барои шир гирифтан",- мегӯяд. Ба саволҳои "Магар ба тозагии ин зарфҳои партофташуда эътимод карда мешавад? Инҳо ба одамон зиён доранд?" бо ҷиддият ҷавоб медиҳад: "Ман инҳоро пок-покиза мешӯям, муаллим, хавотир нашавед...". Ман дигар аз ӯ чизе харидорӣ намекунам, вале дигарон чӣ?...

Мошини сабукраверо дар кӯча мебинам, ки дар болояш ҷуволҳои ифлос пур бор карда шудаанд. Аз даҳонбанди ҷувол баклашкаҳои каҷу килеб намоёнанд. На танҳо баклашкаҳо чиркинанд, ҳатто худи мошин низ гӯё, ки аз заводи равған баромада бошад. Ин нафар ҳам тиҷорат мекунад, зарфҳои ҷамъкардаашро ба бозори равған мебарад, вале дар фикри саломатии мардум нест. Духтурони нозири бозорҳо ва масъулони саломатии мардум ба куҷо менигариста бошанд?

## ДАР БОЗОРИ РАВҒАН

Воқеият ин аст, ки тамоми он баклашкаҳоеро, ки дар кӯчаҳо мебинем, дар ниҳоят ба бозори равған оварда мешаванд. Ман ба баклашкаҳои ифлоси даруни ҷуволҳои калони равғанфурӯше ишора карда, аз фурӯшандаи шинос воқеиятро пурсидам: "Наход дар ҳамин баклашкаҳое, ки аз дасти "бомж"-ҳою гадоён бо нархи арзон мегиред, равған андозед?" - Нигарон набошед, мо онҳоро бо оби гарм нағзакак мешӯем, - гуфт ӯ ва илова кард: - "Мо ҳам ночор ҳастем, баъзе одамон як литр равған харидорӣ мекунанд,- дар зарфи тоза андохта фурӯхтан бошад, ба виҷдони ҳар фурӯшанда вобаста аст, ман боре дар баклашкаи ифлос равған нарехтаам, вале ҳама фурӯшандаҳо як хел не-ку! Вале ҳоло мардум кам-кам аз зарфҳои равғандори панҷлитрае, ки дар заводҳо пур карда мешавад, харидорӣ мекунанд".

Ҳароина, агар фаъолияти ин фурӯшандаҳо аз тарафи кормандони бозорҳо назорат шавад, беҳтар мебуд, - ба хулоса омадем ҳар ду.

## РОҲИ НАҶОТ АЗ ПЛАСТИК КУҶОСТ?

Бо вуҷуди ин, имрӯз дар канори роҳҳо, даруни ҷӯйборҳо, канори биноҳои истиқоматӣ, хулоса дар ҳама ҷо метавонем ба партовҳо, яъне зарфҳои пластикӣ рӯбарӯ шавем. Махсусан, дар даруни ҷӯйборҳо (лотокҳо)-и канори роҳ ва атрофи ҳавзҳо дидани зарфҳои пластикии холишудаи нӯшобаҳо табъи касро хира месозанд. Имрӯз тамоми кишварҳои ҷаҳонро масъалаи муносибат ба ин намуди коло ба ташвиш овардааст. Ҳатто донишмандони ғарбӣ бар он бонги изтироб мезананд, ки бино бар ба обҳои уқёнус зиёд партов шудани пластикҳо обҳои уқёнус ба макони тавлиди маводи хатарноки бактериологӣ табдил мешаванд. Ин ҳолат на танҳо барои ҷонварони обӣ, балки ба инсон ҳам хатарзост. Зарфҳои пластикии зиёде, ки инсонҳо ба об меандозанд, қаъри уқёнус ва дарёҳоро ба партовгоҳи азими пластикӣ табдил додаанд. Аз рӯи таҳқиқи олимони соҳа дар натиҷаи чунин муносибат баъзе организмҳои зинда дар дохили ин зарфҳои пластикӣ хона мекунанду боиси тавлиди тӯдаҳои азими микробҳо мешаванд. Мувофиқи таҳқиқоти олимон чунин микробҳое, ки дар дохили зарфҳои пластикии партофташуда ба вуҷуд меоянд, бо микробҳое, ки қаблан кашф шудаанд, ҳеҷ монандӣ надоранд. Бархе аз навъҳои пластик зери нурҳои ултрабунафши офтоб чанд хел моддаи заҳрнок пахн мекунанд. Созмони ҷаҳонии тандурустӣ тамоми анвои пластикҳоеро, ки дар таркибашон винил-хлорид ҳаст, ангезандаи саратон эълон кардааст. Тибқи маълумот аз соли 1950 то имрӯз дар дунё 1 миллиард тонна пластик тавлид шудааст ва бахши асосии онҳо ҳазорсолаҳо ҳам нест намешавад. Олимон ҳисоб кардаанд, ки пластик на танҳо рӯи замин, ҳатто обҳои уқёнусро низ ифлос карда истодааст. Ба гуфти онҳо имрӯз беш аз 90 дарсади партовҳое, ки дар оби уқёнусҳо гардиш мекунанд, аз зарфҳои пластикӣ иборатанд. Ба об андохтани зарфҳои пластикӣ боиси дар таҳи дарёҳо ба вуҷуд омадани партовҳои пластикии зиёд мегардад ва ба ин восита дар дохили онҳо микробҳо хона мегузоранд. Таҳқиқот собит кардааст, ки микробҳои дар дохили ин зарфҳо пайдогардида навъе аз микробҳои маснуъ буда, аз худ маводи заҳролуд хориҷ карда, ба набототи зериобии уқёнусҳо ҳам зиён мерасонанд. Ин маводи заҳролуд тадриҷан ба организми моҳӣ таъсир карда, тавассути моҳӣ ба инсон ҳам мегузарад. Дар натиҷа, бо гузашти вақт, таркиби гормонҳои инсон ҳам тағйир меёбад.

Имрӯз дар кишвари мо макони махсуси партови пластикҳо вуҷуд надорад, зарфҳои пластикие, ки одамон ба кӯчаҳо мепартоянд, махсусан дар фасли гармо боиси ба вуҷуд омадани микробҳо мегардад. Шояд ҳоло ҳадди ақал ин зарфҳоро даҳонбаста партофтан беҳтар бошад, то ки микробҳо дар дохили он хона сохта, манбаи ҳар гуна беморӣ нагарданд?

**Тоҷибой СУЛТОНӢ**

**Дар шумораи №7 аз санаи 7.10-и соли 2015 мақолаи Гулҳаёи Мадимар бо номи "Дяков кӣ буд?" чоп гашта, дар он муаллиф иброз доштааст, ки зинда кардани хотираи шахсони бузург, ки дар пешравӣ ва рушди ҷомеа, як қавм ва ё як миллат саҳм гузоштаанд, хело муҳим аст.Муаллиф масъалаи муҳимеро ба миён гузошта, дар ин асос менигорад,ки дар бораи ин шахсияти наҷиб ва таърихӣ бо насаби Дяков, ки барои Тоҷикистон хизмат кардааст ва беморхонаи марказии Қарияи Боло ба номаш гузошта шудааст, дар ин беморхона ва худи Вазорати тандурустӣ ва Раёсати тандурустии ВМКБ дар бораи ӯ маълумоте дода натавонистаанд ва ё хело кам маълумот додаанд.**

# ХИЗМАТИ ДЯКОВ АРЗАНДА БУД

**МУТААССИФОНА** ин амали надонистани таърихи шахсиятҳои барҷаста имрӯз дар ташкилоту муассисаҳои зиёде мӯд гашта, сабаби аслияш чун зиёиҳои асил ба воя нарасидани бархе аз роҳбарони ташкилоту муассиса ҳаст, вагарна номҳои бародарон Алексей (муаллиф иштибоҳан номи Алексейро Александр овардааст) ва Таричан Дяковҳо барои миллати тоҷик азиз буда, солҳои инқилобӣ ин шахсиятҳо дар пойдории давлати миллии тоҷикон дар ҳайати импературии Шӯравӣ саҳми арзишманди худро гузоштаанд.

Дар бораи Алексей Михайлович ва бародараш Таричан Михайлович дар сарчашмаҳои таърихии солҳои 20-ум ва 30-юм, баъдан асарҳои олимон Б.Искандаров, М.Назаршоев ва махсусан асари ёддоштии собиқ вазири мелиоратсия ва хоҷагии оби СССР Алексеевский "Ман ин сарзаминро дӯст медорам" , қомуси шӯравӣ, қомуси шӯравии тоҷик ва дигар асарҳо, аз ҷумла навиштаҳои кӯҳнавардон ва олимони ба Помир сафар намуда зиёд вохӯрдан мумкин аст.

Хотиррасон бояд намуд,ки Алексей Михайлович Дяков санаи 5-уми феврали соли 1896 дар мавзеи Лугновои собиқ вилояти Калинин, ҳоло вилояти Твери Россия дар оилаи инқилобчии касбӣ таваллуд шуда, аз тарафи модарияш хеши наздики инқилобчӣ Михаил Бакунини машҳур мебошад-.Дар факултаҳои тиббии Донишгоҳи Томск ва Донишгоҳи 2-юми Москва (солҳои 20-ум Донишгоҳи 2-юм кушода шуда буд) таҳсил намуда, соҳиби малумоти олии "табиби муолиҷагар" гаштааст.

Соли 1921 дар ҳайати экспедитсияи ҳарбии Фронти Туркистони Шӯравӣ,ки бародараш инқилобчии касбӣ Таричан ба ҳайси роҳбар буд чун духтур барои барқарор намудани ҳокимияти шӯроҳо ба Помир фиристонида мешавад.

Роҳбарияти ин ҳайати ҳарбии экспедитсионӣ бо номи сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ(Дяков Т., Шириншо Шотемур ва Ҳусейнбоев) дар таърихи инқилобии шӯравӣ ва тоҷик бисёр машҳуранд.

Аз навиштаҳои шоҳидони он давра ва муаррихон ба хуби ҳис мешавад, ки ин ҳайати роҳбарияти ҳарбии экспедитсионӣ дар Помир корҳои зиёдеро анҷом додаанд ва дар он давраи вазнини инқилобӣ махсусан хизмати духтури муолиҷагар Алексей Дяков бисёр калон будаст.Доктор Дяков дар байни мардуми Бадахшон бо номи "духтур" бисёр машҳур буда, ёрии беғаразонаи тиббии худро ба мардуми кӯҳистон расонидааст. Дар ҳамин ҷо ӯ зиёд меҳмони мардуми Помир шуда ,забонҳои тоҷикӣ, шуғнонӣ, ҳамчунин забони англисиро бо тарзи суханронии мардуми ҳинду азхуд намуда, забони урдуро низ аз бар менамояд.Ӯ озодона бо забони олмон суҳбат мекард.

Солҳои 1925-1928 ба ҳайси комиссари тандурустии Ҷумҳурии мухтори шӯравии Тоҷикистон иҷрои вазифа намуда, солҳои 1928-1931 ба ҳайси корманди масъули ҳизбӣ дар Бӯрои Осиёимиёнагии ВКП "б" иҷрои вазифа намуда, солҳои 1932-1936 дар Донишкадаи профессураи сурхи Маскав таълим гирифтааст.

Солҳои 1936-1938 дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии проблемаҳои мустамликадорӣ, солҳои 1939-1941 ба ҳайси ходими илмӣ дар Пажӯҳишгоҳи ҳоҷагии ҷаҳонӣ ва сиёсати ҷаҳонии АИ СССР ,солҳои 1944-1950 дар Пажӯҳишгоҳи Уқёнуси Ором ва аз соли 1950 дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АФ СССР иҷрои вазифа намудааст. Ӯ муттахассиси забардасти соҳаи ҳиндушиносии шӯравӣ буда, соли 1947 рисолаи илмии доктори илмҳои таърихро ҳимоя намуда, соли 1950 унвони профессориро мегирад.Барои фаъолияти кории пурсамар бо Указзи Президиуми Шӯрои Олии РСФСР соли 1967 бо унвони Ходими хизматнишондодаи илми РСФСР сазовор мегардад.Ӯ барои хизматҳои барҷастааш дар кишвари мо , бо ордени "Байрақи Сурхи меҳнати ҶШС Тоҷикистон", олитарин мукофоти Тоҷикистон дар он давра мукофотонида шудааст.

Корҳои асосии тадқиқотии ӯро масъалаҳои доири таърихи навтарин, иқтисод,муардумшиносӣ ва забоншиносии Ҳинд ташкил менамояд. Асарҳое чун "Масъалаи миллӣ ва мустамликадории Англия дар Ҳиндустон", "Масъалаҳои миллӣ дар Ҳиндустони имрӯза", "Ҳиндустон пеш аз ҷанг ва баъди ҷанги дуюми ҷаҳон" ба қалами ин ховаршиноси маъруф тааллуқ доранд.Хотиррасон бояд намуд,ки бародараш Таричан то моҳи августи соли 1937 дар вазифаи сардори шуъбаи кофтукови ҷинояти Сарраёсати милицияи коргару деҳқони НКВД-и СССР кор намуд, баъдан чун душмани халқ ба ҳабс гирифта ва парронда шуда, соли 1953 сафед карда шудааст. Алексей Михайлович Дяков дар шаҳри Москва соли 1974 вафот кардааст.Агар ба китоби ёддоштии собиқ комиссари замини ҶШС Тоҷикистон ва вазири мелиоратсия ва хоҷагии оби СССР Е.Е.Алексеевский "Ин сарзаминро дӯст медорам" назар фиканем, онҷо навиштае ҳаст: "Моҳи июни соли 1974 дар сафари хизматӣ дар Шветсия будам.Дар танаффуси ҷаласа ба рӯзномаҳои нави шӯравӣ назар дӯхтам ва дар рӯзномаи "Правда" таъзияномаеро бо сурати Алексей Михайлович Дяков,олими намоёни ҳиндушиноси шӯравӣ, дӯсти ҷавониям дида, беихтиёр ба фикр фурӯ рафта, ман Алексей Михайлович,ин шахсият,ин инсони аслӣ ва аҷибро аз замони ҷавонияш дар Тоҷикистон ба ёд овардам!"

Редаксияи азиз, мақсади навиштани ман аз ин мақола дар он аст,ки бисёриҳо дар хусуси он шахсиятҳо, фарзандони дигар миллатҳое,ки дар роҳи бунёди Тоҷикистони азиз хизмати арзанда намуда ,бархеашон дар ин роҳ ҷон бохтаанд, бисёр кам медонанд ва Гулҳаёи Мадимар воқеан дар мақолаи худ сари ин масъала хуб қайд намудааст. Хуб мешуд,ки дар бораи чунин шахсиятҳо пайваста навиштаҳо чоп мегаштанд.

Аз ин амал ҳам рӯҳи чунин шахсони барои Тоҷикистони азиз хизмат намуда шод мешуд ва ҳам ҷавонону наврасонро низ аз таърихи гузашта ва фардҳои алоҳидаи барои ин кишвар хизмат намуда огоҳ месохтем.Чунин шахсон барои ёднома арзанда ҳастанд.

**Варқа ЗАЙНИДДИНОВ**


14 БОЯД ШИНОСЕМ!

Зинда кардани хотираи шахсони бузург, ки дар пешравӣ ва рушди як ҷомеа, як қавм ва ё як миллат саҳм гузоштаанд, хеле муҳим аст. Зеро зиндагӣ ва фаъолияти чунин ашхос барои наслҳои ҳозира ва оянда ибратомӯз буда, метавонад дар таҳаввулоти афкор ва омоли онҳо саҳмгузор бошад. Чунки ҷомеа ҳамеша ниёз дорад, ки ба гузашта нигоҳ карда, зиндагии имрӯза ва ёояндаашро бисозад, то аз пешини беҳтару хубтар бошад. Аз ин рӯ, рӯзгори чунин бузургмардон, новобаста аз насаб ва ё мансубияти милливу динӣ, ҳамеша мавриди ёдоварӣ ва кору амалашон пайваста барои дигарон дарси ибрат бошад.

ДЯКОВ КӢ БУД?

БЕМОРХОНАИ Қарияи Боло, ки беморхонаи ҷумҳуриявӣ аст, пештар бо номи дум машҳуртар аз дигар беморхонаҳои шаҳр аст. Гарчанде , ки ин мавзӯъ ба таърих тамоюли бештаре дошта бошад ҳам, аммо Дяков дар Тоҷикистон чун най доимӣ бо 20 кати хоб барои беморон кушода шуда, дар давоми соли 1925 марказҳои духтурӣ ва дар баробари онҳо беморхонаҳо низ кушода мешу

# Фарҳанг

## НАМОИШНОМАИ НАВ

*Ба шарафи 700-солагии аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии Данғара драмаи "Лаҳзае бо аллома" -и Ҷумъа Қуддусро дар асоси пандномаи безаволи "Захират-ул-мулук"-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таҳия намуд. Инсондӯстӣ, некӣ, бахшидани гуноҳ, роҳнамоӣ ба роҳнавардони зиндагӣ, талош барои хайр, мубориза алайҳи шайтон ва нафси шайтонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби муосир мебошанд, ки ҳайати театр бо сарварии коргардони намоишнома Раҳмоналӣ Одинаев тавассути осори аллома ба онҳо посух меҷӯянд. Ва яке аз роҳҳои асосиро дар омӯзиши илму маърифат мешуморанд:*

# «ЛАҲЗАЕ БО АЛЛОМА»



***Ҳаст доим салтанат дар маърифат,***
***Ҷаҳд кун, то ҳосил ояд ин сифат.***
***Ҳар ки масти олами ирфон бувад,***
***Бар ҳама халқи ҷаҳон султон бувад.***

Қаҳрамони марказии асар Авазхон дар иҷрои ҳунарпешаи хеле бомаҳорати театр С.Алимов марди миёнаумрест, ки аз Пир (ҳунарпеша Н.Исматов) башорате гирифта, дар бораи асолати инсону ислом ҷиддан андеша карда, пайи ислоҳи нуқсони худ талош мекунад. Ӯ дар ин ҷода ба шубҳаву гумон меафтад, дар таъсири дигарон шояд аз роҳи аслӣ бурун мегашт, вале маҳз ба шарофати дастурҳои аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ роҳи дурустро интихоб менамояд:

***Чанд ғубори ситам ангехтан?***
***Оби худу хуни касон рехтан?***
***Чанд ғурур, эй дуҳули хонадон,***
***"Ман-ман"-ӣ, эй ду-се ман устухон?***
***Мулки заъифон ба каф оварда гирд,***
***Моли ятимон ба ситам хӯрда гирд.***

Баробари ӯ дигар иштирокчиёни воқеаҳо Поргӣ (ҳунарпеша П.Атоев), шогирд (М.Сайдалиев) низ дар пайи дарёфти Ҳақ талош мекунанд, вале Ашрафи Малик ( Ҳ.Муҳиддинов), Комронӣ (И.Бобоев) дар муқобили ӯ истода, тавассути аксуламали худ мардумро ба гумроҳӣ бурдан мехоҳанд. Қаҳрамони марказӣ Авазхон, ки ҷиҳодро воло меҳисобанд, бо ин гуфтаҳои аллома муқобилат мекунад. Пояи инсондӯстии таълимоти аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ басо мустаҳкам буда, ба фикри офарандагони асар, барои уқбо дар зиндагӣ мебояд корҳои некро анҷом дод ва бо абёти аллома таъкид менамоянд:

***Эй, ки дар дунё нарафтӣ бар сироти мустақим,***
***Дар қиёмат бар сиротат ҷойи ташвиш асту бим.***
***Қалби заррандуд настонанд дар бозори ҳашр,***
***Холисӣ бояд, ки аз оташ бурун ояд салим.***

Роҳбарияти театри касбии Данғара тасмим гирифтааст, ки ба шарафи ҷашни шоири ориф Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба сафари эҷодӣ баромада, ин асарро ба сокинони навоҳии атроф пешкаш намояд.

**Толиби ЛУҚМОН**

Минбари халқ
21 октябри соли 2015,
№43 (1022)

# АЗ ПИСАРИ ГУМШУДААМ ДАРАК ДИҲЕД!



**Ман, Мӯсоева Назира, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, маҳаллаи 192, минтақаи Хайробод, хонаи 353 мебошам. Модаре ҳастам, ки панҷ фарзанд таваллуд кардаам. Фарзанди дуюмам Ҳумайнӣ ном дошт. Дар синни 4 - солагӣ ӯро, ки бо бибиаш дар назди хонаамон сайругашт мекард, гум кардем. Он рӯз 27- уми сентябри соли 2002 буд. Вақте ӯро мекофтем, ду хонандаи синфи чорум ба мо гуфтанд, ки он кӯдакро дидаанд, ки аз тарафи боло гирякунон меомад. Дар ин асно зане пайдо шуда, кӯдакро гирифта гуфтааст, ки ман падару модарашро ёфта, фарзандашро ба онҳо медиҳам.**

**Аз он соле, ки ман Ҳумайниамро гум кардам, 13 сол гузашт. 13 сол боз ман ӯро мекобам. Аз ҳар маҳаллаву ҳар ноҳияе, ки хабари кӯдаки ёфташудаеро шунидам, рафтам. Вале афсӯс, аз фарзанди худ нишоне пайдо карда натавонистам. Дар ин муддат рӯзеро дар хотир надорам, ки ман бе ёди ӯ гузаронида бошам. Аз ғами ӯ ба беморции дил гирифтор шудам. Зиндагии ман танҳо ба хотири зинда ёфтан ва ба дидори фарзандам расидан аст. Ҷигархуни ӯям.**

**Гурдаҳои Ҳумайнӣ кам - кам дард мекард. Ташхис сангреза доштани онҳоро муайян карда буд. Сараш аз ҳисоби рахит калонакак буд. Мӯяш ҳалворанг ва дар тори сараш ду чархак дошт. Дар пойи чап ё росташ аз зону боло холи сиёҳ дошт, дар таги кашаш доғи беранги малла буд. Дар думбааш мумкин доғи сӯхтагӣ дошта бошад.**

**Дили ман ҳамчун модар гувоҳӣ медиҳад, ки фарзанди ман зинда аст. Агар касе аз ӯ дарак диҳад, мақсади ман танҳо дидани дидори ӯст.**

**Бигзор Ҳумайниҷон фарзанди ҳамон хонадоне, ки ӯро калон кардааст, мондан гирад. Ман даъвои ӯро бозпас гардондан надорам. Танҳо ҳамчун модар дилам кашоли дидори вай аст.**

**Азизон, шумо маро ҳамчун модар фаҳмед ва агар тавонед дар пайдо кардани фарзандам ба ман кӯмак намоед.**

**ТЕЛЕФОНҲОИ МО:
985-99-88-63,
917-33-40-80,
900-94-05-45.**

**Назира МӮСОЕВА,**
*ҳамшираи тиббии Беморхонаи клиникии шаҳрии № 5, шуъбаи неврологӣ, шаҳрчаи тиббӣ (Медгородок)*

**Номаи бетаҳрир**

# ЗАМИН НООДИЛОНА ТАҚСИМ ШУД

**Деҳаи мо Вешист дар ҳудуди ҷамоати Ёрии Панҷакент воқеъ буда, аз деҳаҳои сернуфузи ҷамоат ба шумор меравад. Деҳа аз маркази ноҳия дуртар ҷойгир аст. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ба ин деҳа кам касон таваҷҷуҳ мекунанд. Роҳи байни деҳаю шоҳроҳи асосӣ ҳам 4 километр буда, ҳокимияти маҳаллӣ ба он умуман аҳамият намедиҳад. Ҳамасола бошандагони деҳа маблағ ҷамъ меоранду онро таъмиру тармим мекунанд. Аммо ҳоло гап сари дигар масъала аст.**

СОЛҲОИ 2012-2013 намояндагони ноҳия ҳамроҳ бо кормандони ҷамоат мардумро барои маҷлис сарҷамъ карданд. Зиёда аз 300 нафарро ном ба ном хонданду эълон карданд, ки мавзеи Полезпая, ки ба он заминҳои лалмӣ дохил мешавад, ҳамчун замини наздиҳавлигӣ ва мувофиқи қуръапартоӣ аз рӯи рақамҳо тақсим карда мешавад. Баъдтар ном ба ном рақамҳо тайёр карда шуданд.

Бовар кунед, хурсандии хурду калони деҳаро ҳадду канор набуд. Онҳо шукри истиқлолияти кишвару шукри роҳбарони дилсӯзро мекарданд. Зеро бисёре аз онҳо хеле ҳам дар шароити танги манзилӣ қарор доштанд, 2-3 ва ҳатто зиёда аз он хонаводаҳо дар як ҳавлӣ истиқомат доранду дар баъзе оилаҳо ҷанҷолу кашмакашҳои оилавӣ бинобар тангии макони зист як ҳодисаи маъмулӣ шудааст.

Мардуми эҳтиёҷманд бо рақамҳои тақсимшуда барои замин дар даст пули муқарраршударо бо бонкҳо супориданд ва интизори омадани аъзоёни комиссияи тақсимоти замин монданд. Вале дар рӯзи таъиншуда танҳо як нафар аъзои комиссия - Акрамбой Раззоқов, собиқ раиси хоҷагии деҳқонии "Вешист" омада, замин тақсим кард.

Баъзе аз камбизоатҳо, ки «қарзу қавола» карда ё чорвояшро фурӯхта пули заминро супорида буданд замин гирифта натавониста, ду даст дар тори сар ҳайрон монданд.

Бо мисол овардани ҳолати тақсими замин гуфтанием, ки дар мо на сар ҳасту на сардор, баъзеҳо ҳар чӣ хоҳанд, мекунанд карда истодаанд. На ҷамоат, на ҷамъият касе ҳам онҳоро намепурсад.

Акнун аз баҳсу умедвориҳои мо ба замин фақат рақамҳои тақсимшуда мондааст халос. Ба мо маълум гардид, ки замини наздиҳавлигиро боз ҳамонҳое гирифтанд, ки 8-10 ҳазор доллар пул доштанд.

Рақамҳо барои гирифтани замин пеш аз як сафари Президент ба Панҷакент тақсим шуда буд, аммо вақте пас аз ин сафар омада замин доданд, ба мо нарасид. Мардуми сарсону безаминмонда ҳоло қариб 80 нафар ҳастанд. Мо дигар чӣ кор карданамонро намедонем.

Бинобар ҳамин маҷбур шудем ба шумо муроҷиат намоем то ҳақро ба ҳақдор расонед.

**А. АБДУЛҲАЕВ
Н.ДОДАБОЕВ
Ғ.НУРОВ** *ва 17 имзои дигар*

**Ин аҷиб аст**

# Дар Зеландияи Нав хомӯшак нест

- 300 миллион сол қабл суръати ҳаракати Замин дар мадори Офтоб аз ҳозира сусттар буд. Дарозии сол он замон тақрибан 390 шабонарӯзро дар бар мегирифт.
- Биёбони Сахара зиёдтар биёбони сангист, магар ки регӣ. Танҳо аз 30% ками масоҳати онро регзор ташкил мекунад. Ҳудуди Сахара 32 % тамоми қитъаи Африқоро ишғол намуда, аз рӯи масоҳаташ танҳо 10% аз ИМА хурдтар аст.
- Соли 1933 ширкате, ки ба истеҳсоли мошинаҳои дарздӯзӣ машғул буд - Toyoda Automatic Loom Works, шуъбаи наве таъсис дод, ки барои истеҳсоли автомобилҳо пешбинӣ шуда буд. Имрӯз он истеҳсолкунандаи бузургтарини автомобилҳо дар дунёст. Тамғаи Toyota то ҳол риштаи аз сӯзан гузаронидашударо ифода мекунад.
- Дар Зеландияи Нав умуман хомӯшак нест. Ин ҷо "биҳишт" аст.
- 9 июли соли 1958 шимолтари халиҷи Литуйя дар қисми ҷанубу шарқии Аляска заминларзаи шадид рух дод, ки дар натиҷаи тсунами мавҷе бо баландии 520 метр рӯйи кор омад. Ин баландтарин мавҷ дар таърихи инсоният аст.
- Намуди машҳури наҳангҳо- акулаҳо метавонанд тариқи партеногенез, яъне бе иштироки наринаҳо афзоиш кунанд.
- Акулаҳо имконияти гузаронидани мустақилонаи обро тавассути ғалсамаҳояшон (жабры) надоранд, бинобар ин, барои аз нарасидани кислород намурдан бояд пайваста дар ҳаракат бошанд.
- Математики бузург Анри Пуанкаре дар имтиҳон барои гирифтани унвони бакалавр кори хаттӣ аз математикаро супурда натавониста буд.
- Садои хуррок метавонад ба 70 детсибел расад, ки баробар ба садои перфоратор (асбоби сохтмонӣ)-и калон аст.
- Дар дунё қариб 1,4 миллиард гов мавҷуд аст ва бо ин миқдор онҳо дар ҳақиқат ба табиат зиёни бузург мерасонанд. Говҳо ҳамасола 600 миллион тонна ғалларо истеъмол мекунанд- ин сеяки ҳосили ҷаҳонист. Барои чарогоҳ ду сеяк масоҳати даштҳои сайёра ва чоряки ҷангалҳои қитъаи Америкаи Ҷанубӣ истифода мешаванд. Барои ҳар як гов дар Бразилия 2 гектарӣ ҷангали қад-қади дарёи бузурги Амазонка воқеъ буда, бурида шудааст. Дар як сол ҳар як гов 8 ҳазор литр об мехӯрад ва ба атмосфера зиёда аз 100 ҳазор литр гази метан хориҷ мекунад. Ҳатто тасаввур кардан даҳшатовар аст, ки чӣ мешуд, агар Чингисхон ва пайравонаш дунёро забт мекарданд…
- Аз ҳама бемории марговар ҷунунист (девонагӣ). Расман танҳо як ҳодисаи зинда мондани шахси мубталои ин беморӣ ба қайд гирифта шудааст.
- Миёни одамоне, ки эълони барпо кардани оиларо дар рӯзномаву шабакаи интернетӣ медиҳанд, 35 % соҳиби оилаанд.
- Дар империяи Рим зиёда аз 80 ҳазор километр роҳҳои аълосифати сангпӯш вуҷуд дошт. Бисёри онҳо то ҳол мавриди истифода буда, таъмирталаб нестанд.
- Ба илм зиёда аз 1 миллион навъи ҳашарот маълум аст ва ҳамарӯза олимон то 30 навъи дигарро кашф мекунанд.
- Коста-Рика ягона кишвари олам аст, ки Сарқонун нигаҳ доштани артишро манъ мекунад.
- Аз ҳама суръати баланди шамол дар иёлати Оклахомаи ИМА соли 1999 ба қайд гирифта шудааст, ки 484 километр дар як соатро ташкил дод. Барои муқоиса: суръати шамол ҳангоми тӯфон дар дараҷаи баландтарини 5-ум 300 км дар як соатро ташкил медиҳад.









**Д.АЗАМАТ**
*Давом дорад*

# Ба хурмо ҳам майл кунед

***Хурмо (маҳаллӣ) як меваи ширину хушмаза аст, ки даҳҳо хосияти хуби дармонӣ дорад.***

**ТИБҚИ** навиштаи манбаъҳо, асли баромади он кишвари Чин буда, дар тӯли таърих ба кишварҳои гарми Осиёи Ғарбӣ ва Ҷанубӣ паҳн шудааст.

Дар Тоҷикистон ниҳолони хурмо дар водии Ҳисор ва баъзе аз ноҳияҳои вилояти Хатлон хуб рушд карда, ҳосили фаровон медиҳад.

Дар кишварамон асосан се навъи хурмо: ширин (шоколадный), шоҳона хурмои дерпаз парвариш мешавад.

Дар Эрону Афғонистон ин мева бо номи "хурмоолу" шинохта мешавад. Дар кишварҳои Қафқоз, Испания, Туркия, Америка ва Австралия ҳам ниҳоли хурмо ба як растании маҳаллӣ табдил шуда, хуб парвариш меёбад.

Хурдани меваи хурмо дақиқан муносиби рӯзҳои нарму сарди тирамоҳу аввали зимистон аст, ки ҷисми кас эҳсоси хастагӣ мекунад.

Таҳқиқоти илмӣ нишон дода, ки хурмо ҳам ба андозаи ангур ба ҷисм нерӯ мебахшад. Фруктоза ва глюкоза қандҳои асосии хурмо аст, ки дар сурати пур хӯрдан баданро нарму фарбеҳ мекунад.

Агар дар мавсими сармо милкҳои дандонҳоятон хун равад, донед, ки ба далели норасоии витамини С аст. Дар ин ҳолат истеъмоли хурмо, ки аз ин витамин ғанӣ аст, барои солим мондани дандонҳои шумо мадад мерасонад.

Ин мева инчунин саршор аз витаминҳои патосиму манизим аст, ки барои кам кардани холестерин ва фишори хуни баланд василаи хуб ба ҳисоб меравад.

Донишмандон пактинро аз дигар моддаҳои барои инсон зарурӣ медонанд, ки дар таркиби хурмо хеле зиёд аст.

Витаминҳои А, В ва С, каласим ва манизими мавҷуд дар таркиби хурмо ба ҳазми ҳар чӣ беҳтари ғизо, тақвияти биной



ва беҳбуди амалкарди системаи иммунитети бадан ёрӣ медиҳанд.

Хурмо, ки тақвияткунандаи меъда ҳам ҳаст, исҳоли хунинро бартараф мекунад. Синаро нарм ва камхуниро рафъ мекунад. Инчунин иштиҳоро мекушояд.

**ХУРМО ВАЛОКОРДИН АСТ**

Хурмо хокистар, об, сафедаҳо, танин, карбогидратҳо, кислотаҳои органикӣ, инчунин калий, калсий, магний, фосфор, оҳан витаминҳои А, С, Р дорад.

Хурмо аз рӯи хосияти худ ғизои парҳезӣ ба шумор меравад. Дар баробари ба ҳазми ғизо муфид будан, василаи хуби пешгирии бемориҳои меъда ва дил аст.

Баъзе духтурон хурморо ба ҷои валокордин ба мубталоён тавсия мекунанд.

Инчунин барои рондани пешоб ба бемороне, ки аз вуҷуди санги гурда азият мекашанд, тавсия мешавад.

Мизоҷи хурмо гарм ва тар буда, донаи меваи онро майда кӯбида истеъмол кунанд, санги гурдаро мерезонад.

Хурмо вараму илтиҳоби рӯдаҳоро аз байн мебарад, хунрезиро қатъ мекунад. Доруи хубе барои бемории табларза (тиф) дониста мешавад.

Витамини А-и хурмо барои табобати пӯсту нохун ва мӯйҳои хушку шиканандаи сар муфид аст.

Барои дармони исҳоли хунӣ 300 то 500 грамм меваи расидаи хурморо саҳар ношто кардан фоида дорад.

Меваи хурмо барои рушди кӯдакон ва қуввату дармон гирифтани бадани наҳифи онон муфид ба шумор меравад.

**ЧӢ КАСОНЕ ХУРМО НАХӮРАНД**

Агарчӣ ин мева хосияти бисёри дармонӣ дорад, аммо хӯрдани он беш аз 1 то 2 дона дар рӯз тавсия намешавад.

Барои беморони қанд ва фарбеҳӣ ин миқдор ҳам зарар дорад, чунки моддаи танини мавҷуд дар таркибаш ин бемориро шиддат мебахшад.

Гирифтори беморони рӯда, онҳое, ки ҷарроҳӣ шудаанд ва мубталоёни бемориҳои дил ва сил бояд дар хӯрдани хурмо эҳтиёт кунанд. Хурморо бо шир ва об хӯрдан ҳам зарар дорад.

**МАЪҶУНИ ДАРМОНӢ БАРОИ ОНҲОЕ, КИ ҶИСМИ ЗАИФ ДОРАНД**

Як дона хурморо бо каме оби лимӯ, мост( ҷурғот) ва асал якҷо махлут мекунем . Онро саҳар пеш аз ғизо мехӯрем. Ин маъҷун қувватбахши ҷисм хоҳад шуд.

**МЕДОНЕД, КИ...**

Дар ҷаҳон қариб 500 нави хурмо мавҷуд буда, дарахти баъзе аз онҳо садсолаҳо умр мебинад.

**Ю. СОЛЕҲ**

---

Маросими ба занӣ талабидани духтар

Мазор, оромгоҳ

Гирдакон, меваи мағздор

ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| К | | | Т | О | Л | Е | Ъ | Н | О | М | А | | З | И | Л | З | И | Л | А |
| И | | | | | | | | Е | | | С | | | З | | | М | | В |
| Л | | | | | | | И | С | Ф | А | Р | А | | О | Х | И | Р | | А |
| О | | | | | | | | Т | | С | | Л | | | О | | У | М | Р |
| М | | | | | | | М | И | Л | Л | И | О | Н | Е | Р | | З | | И |
| Е | | | | | | | И | | Е | | Н | | А | | | К | А | Т | Я |
| Т | Е | Х | А | С | | | Н | А | С | О | С | | Б | О | Б | А | | | |
| Р | | У | | К | И | С | А | | И | | О | Л | И | | | Ҷ | У | Р | А |
| | | Л | | А | | Ш | | | Д | О | Н | | | Ш | | | | | Ҳ |
| Т | О | Қ | А | Т | | А | К | К | А | | И | Е | Н | А | | | | | Д |
| У | | | Н | | А | | А | | Н | | Я | | | Р | | | | | Н |
| Қ | А | Л | Б | | Д | А | Р | С | | А | Т | О | М | И | | | | | О |
| У | | | О | Р | И | | | И | | Д | | Р | | А | | | | | М |
| М | Е | Т | Р | | Р | У | Й | М | О | Л | | У | С | Т | О | Х | О | Н | А |

«Агро...бонк»

... Деол, актёри ҳиндӣ

«Сигарет»-и тоҷикӣ

Қисми сура

Пасандози бонкӣ

... Аман, актёри ҳиндӣ

Ансамбли сенафара

«Гар май бихӯрӣ, ту бо ...он хӯр» (Хайём)

Завҷаи Адам (русӣ)

... Круз, актёри Голливуд

Кирдор, кор

Инкор

Лаваш, хлеб, фатир

... Малини, актрисаи ҳиндӣ

Дафтари баҳоҳои талаба

Чӯпон

Намуди ҷумлаи аломати хитобдор

Дар мо – вилоят, дар Америка -...

Ҳарфи арабӣ

Як равияи дини ислом

«...и маънавӣ»-и Ҷ. Румӣ

Жанри шеърии Хайём

Тавассути симҳо ба хонаҳо меоянд

Масхара

Падар (лаҳҷа)

Аппетит (тоҷ.)

Заррачаи хурдтарини ҷисм

Пӯшок

Сергап

Хира, торик

Дарё

Ҷойи тир барои ярок

Асъори арманиҳо

Сабзавоти сурхфоми дароз



Пойтахти Швейтсария

Конститутсия – сар...

Тамокукашӣ -...и бад

Парлумони Русия

Пойтахти «макаронхӯрҳо»

Номи аспи Рустам

Хизмати Ватан-Модарро ... кардан

Асбоби челонгар

Зарфи либосшӯӣ

Тими варзишии ҳарбиён (русӣ)

«Ҳаёт» ба забони юнонӣ

Сарбозон вақти ҳамла чӣ дод мезананд?

Сарояндагӣ

# БАХИЛӢ



**А ҲАМИЯТИ** ахлоқ ва тарбияту пок сохтани дили инсон барои касе пӯшида нест. Яке аз омилҳои муҳими баҳрамандӣ аз саодати дунявӣ дурӣ ҷустан аз зиштиҳо ва оростагии хеш ба ахлоқи нек мебошад. Парвариши ахлоқии мардумон ва таҳзиби нафси онҳо аз ҷумлаи асоситарини ҳадафҳои муаллимони ахлоқи башар ба ҳисоб меравад. Ба ҳамин далел зуҳури илми ахлоқ ва аз тариқи он роҳбаладии инсоният ба роҳи нек ҳамвора аз машғулиятҳои аслии олимони илми ахлоқ аст ва пайваста дар ҳар давру замон мураббиёни дилсӯз ва роҳнамоёни вораста бо дастовардҳои илмии хеш равнақи бозори ахлоқро ҳифз кардаанд. Ва ин бахусус дар таърихи афкори халқи тоҷик ба сароҳат ба назар мерасад.

Бо ин ҳама мероси азими илмии пешиниён бояд эътироф кард, ки имрӯз мардумоне ҳастанд, ки намехоҳанд хешро пойбанди маҳдудиятҳо ва фазилатҳои ахлоқӣ созанд, зеро ба андешаи онҳо дар шароити феълӣ шахси накӯкор будан бар зарари инсонҳо тамом хоҳад шуд. Ин боиси таассуф аст, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо ин андешаи бебунёд хеле ривоҷ ёфтааст ва иллати он қабл аз ҳама ҷой гирифтани ҳарисӣ ва тамаъ дар қалби инсонҳо ва ғулому бардаи молу ҷоҳ гаштани онҳо аст, ки оқибати он ҳасад, рашк, бадбинӣ ва ҳирсу бахилиро хоҳад бархезонд.

Дар байни қавми тоҷик масале ҳаст, ки мувофиқи он **"ду гурги гурусна дар рамаи гӯсфандон он қадар табоҳӣ накунанд, ки дӯстии ҷоҳу мол дар ҷомеаи инсонӣ кунад".** Ин аз воқеият дур нест, зеро тавонгарон ҳамеша таомҳои хуш ва либосҳои хубу занони некрӯйро дӯст медоранд. Шиками онҳо ба андак таом сер намешавад ва ба бисёрии молу мулк ва таому либос низ қаноат намекунанд. Дар робита бо чунин инсонҳои ҳарис Иблис гуфтааст: ***"Ҳар ки дираму динорро дӯст дорад, вай бандаи ман аст".***

Ба ибораи дигар **"нагунсор аст бандаи динор ва нагунсор аст бандаи дирҳам"** ва ҳар касе, ки пойбанди чизе гардад, он чиз ҳатман офаридгори вай хоҳад шуд. Ҳар касе, ки офаридгораш молу чиз ва мақому ҷойгоҳ аст, ҳатман вай дар сарои бухлу бахилӣ қадам ниҳода, вуҷуди ӯ аз решаи дарахти бухл об мехӯрад. Барои чунин инсонҳо ҳасад хӯрдан дарозтарин андӯҳ аст. Ба қавли ҳакимони бузург: ***"Бухл дарахте аст андар зулмат ва ҳар ки бахил бувад, даст андар шохи он зада дорад, ҳамебарад вайро то ба қаъри зулмат".***

Воқеан, бахилӣ ва феъли бад як чиз мебошанд, зеро таоми шахси фароҳдил дору буда, таоми бахил иллат мебошад. Барои бахил мол ҳамчун мор буда, дар вай ҳам захр асту ҳам тарёк.

Барои шахси бахил илм, дороӣ, саодат, саломатӣ ва хурдтарин муваффақияти дигарон мусибат аст, вале мусибати аслии вай ба ҳангоми марг аст, ки ҳеҷ касро чунин мусибат нест: ҳама моли ӯ ба вақти маргаш ситонида мешавад. Бе сабаб нест, ки муаллимони ахлоқ гуфтаанд: **"Дӯстони одамӣ сеянд:** ***Яке бо вай вафо кунад то ба марг ва яке то ба канори гӯр ва яке муниси вай бошад то ба қиёмат.***

Он ки то ба марг беш вафо надорад мол аст; Ва он ки то ба канори гӯр бо вай бишаванд, аҳлу қаробатанд: ***Ва он ки то ба қиёмат бо вай бошад, кирдори ӯ аст".***

Дар ҳама чиз меъёр бояд бошад ва онро на нафаси ҳайвонӣ, балки ақл, ки чароғу нури дил аст, муайян хоҳанд кард, зеро "нек чизе аст, моли шоиста марди шоистаро". Дар ин роҳ доруи ҳама чизҳо талхии сабр, ширинии илм ва душвории амал аст.

**Дар маҷмӯъ, панҷ роҳи халос шудан аз тамаъ вуҷуд дорад:**

**Илоҷи якум**-амал аз тариқи қаноат. Марди ҳарис ва бахил бояд "харҷро ба наво кунад".

**Илоҷи дуввум**-кифояти рӯз, яъне дар талаби молу чиз ором шудан аст.

**Илоҷи севвум**-шахси бахилу тамаъкор агар тамаъ накунаду сабрро пеша созад, ранҷур хоҳад шуд, лекин агар тамаъ кунаду сабр наҷӯяд, ҳам хор мешаваду ҳам ранҷур. Вай инро бояд дарк кунад.

**Илоҷи чаҳорум**-бахил лаҳзае андеша кунад, ки ҳирсу тамаъ барои чӣ мекунад? Агар барои хӯрдан бошад- хару гов аз вай зиёдтар мехӯранд. Агар барои шаҳват бошад- хуку хирс, ҳатто гунҷишк дар шаҳватронӣ аз вай пештаранд. Агар барои некӣ бошад-қаноатро пеша кунад.

Байт:

***Косаи чашми ҳарисон***
***пур нашуд,***
***То садаф қонеъ нашуд,***
***пур дур нашуд.***

**Илоҷи панҷум**-бахил бояд аз офати мол андешад, зеро агар ҳар чи қадар зиёд шуд, хатараш ба маротиб хоҳад афзуд.

Лекин мутаассифона, шахси бахил дар ҳеҷ ҳолат дар ҷустуҷӯи роҳҳои илоҷ ва халосӣ аз ин разилати ахлоқӣ нест, чунки вай ҳамеша аз худ мепурсад, ки дигар чунин шароити ба даст овардани молу ҷоҳ барои ӯ муяссар нахоҳад гашт. Аз ҳар лаҳза, аз ҳар нафас бояд истифода барад! Мол барои бахилу тамаъкор маъшуқааш аст.

Бузургони ахлоқ фармудаанд: "Агар бахилро ду водӣ пур аз симу зар бошад, вай ҳатман водии саввумро мехоҳад". Ҳарис ҳаргиз қаноат пеша нахоҳад кард, аммо ақаллан бояд донад, ки ҷуз ба қаноат аз ҳирсу тамаъ нараҳад:

***Ҳирсу ҳирмон қарини***
***якдигараст,***
***Ҳирс аз ҷумла ҳилкҳо***
***батараст.***
***Мардум аз васфи ҳирс***
***хор шаванд,***
***Дар қаноат бузургвор***
***шаванд.***

Бидуни шак, тамаъ ва бахиливу ҳирс аз ҷумлаи ахлоқи баданд, чунки онҳо инсонҳоро ба нифоқу риё хоҳанд бурд:

***"Ҳама чизе аз адамӣ пур гардад, магар ду чиз: умеди зиндагонӣ ва дӯстии мол".***

Шояд кадом як ҳарису тамаъкор ва бахили фасодзадае дар тӯли зиндагии хеш боре фикр кунад, ки сабаби ин ҳама дар чист? Сабабу иллати ин се дар дӯст доштани шаҳват аст, ки бе молу ҷоҳ ба он дастёб шудан хеле мушкил аст.

Ҳатто барои бахил "фарзанд кони бахилию баддилию ҷаҳолат аст", зеро ҳарис ба умеди зиндагонии дароз буда, фарзандро ҳамчун бақои худ медонад, аз ин рӯ бахилии вай барои фарзандонаш боз ҳам маҳкамтар мешавад:

***Лаззати шоҳӣ туро бас,***
***роҳати дигар маҷӯ,***
***Бо вуҷуди салтанат сармояи***
***дигар маҳоҳ.***

**А.АРДАШЕР**

Обуна-2016

- **Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,**
- **Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,**
- **Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,**
- **Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,**
- **Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,**

## ба ҳафтаномаи

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

## МИНБАРИ ХАЛҚ

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

## обуна шавед!

**МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!**

Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳои обунаро метавонед ба тариқи накдӣ ва ғайринакдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...



**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти
БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**

**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН:** 221-25-36, 221-63-21

Варзиш

## ШИКАСТИ МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР МУСОБИҚАИ ҶАҲОН

Аз 5 то 15 октябр дар пойтахти Қатар - шаҳри Доха мусобиқаи қаҳрамонии ҷаҳон оид ба бокс байни мардон баргузор гардид, ки дар он 250 варзишгар аз 73 кишвар рақобат карданд. Дар ҳисоби умумидастаӣ мунтахаби Куба бо чаҳор медали тилло, ду нуқра ва як биринҷӣ пешсаф шуданд.

Дастаи Русия бошад, бо 2 медали тилло ва яктоӣ медали нуқра ва биринҷӣ ҷои дуюм, мунтахаби Озарбойҷон (1-1-2) зинаи сеюмро соҳиб шуданд. Муштзанҳои Куба аз ҳисоби шумораи медалҳо низ бо 7 медал дар ҷои аввал қарор гирифтанд. Дастаи Ӯзбекистон бо 6 медал дар зинаи дуюм, русиягиҳо ва озарбойҷониҳо бо 4-медалӣ мақоми сеюмро сазовор шуданд. Дар ин мусобиқа аз Тоҷикистон ду боксёр - Ҷаҳон Қурбонов (91 кг) ва Муродҷон Расулов (49 кг) иштирок доштанд.. Вале ҳарду дар даври аввал мағлуб шуданд.

**А.ҶӮРА**

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Номаи камоли гумшудаи А-018527, ки онро 18.06. 1992 Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 3-и ноҳия ба Уракова Турсуной Азамовна додааст, беэътибор аст.

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

ҶДММ "Орзуи Исфара" (РМА 550006823), ки дар ш. Исфара воқеъ аст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми як моҳ, аз рӯзи чопи эълон, қабул карда мешавад.

**ЭЪЛОН**

Хоҷагии ёрирасони "Ҳисор"-и ноҳияи Рӯдакӣ вагон-хона дар деҳаи Чарак бо арзиши 3000 сомонӣ, автомашинаи ЗИЛ-130 №14-11 бо нархи 2400 сомонӣ, автомашинаи ГАЗ-52 №83-65 бо арзиши 1580 сомонӣ, автомашинаи ГАЗ-53 № 00-63 бо маблағи 1580 ва автомашинаи ГАЗ-51-ро бо қиммати 5060 сомонӣ ба фурӯш гузоштааст.

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

БАРОИ МАЪЛУМОТ:

Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*

www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 48952 нусха**

Навбатдор: С.ЮСУФОВ

